Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

9 марти
соли 2016,
чоршанбе,
№10 (1042)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# БУЗУРГТАРИН ИНШООТИ ТАНДУРУСТИИ ТОҶИКИСТОН

**4 март Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе як маҷмааи бузурги тандурустиро дар вазъияти тантанавӣ ифтитоҳ намуд.**
**Баъди буридани лентаи рамзӣ дар ҳамин ҷо Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо шумораи зиёди табибон, ки ба истиқболи Сарвари давлат омада буданд, суҳбати самимӣ доир намуд.**

*саҳ. 2*




11 март - Рӯзи матбуот

## РИСОЛАТИ МАТБУОТ СОЗАНДАГИСТ




Чашмандоз

*саҳ. 8*

## Усули эътирофнашудаи БУТЕЙКО

Ошёни меҳр

## ЗИНДАГИИ ОРӢ АЗ МУҲАББАТ БЕРАНГ АСТ

*саҳ. 7*

Мулоҳиза

## *БАҲОИ ХОНАНДА, «БАҲО»-И УСТОД АСТ*



*саҳ. 10*

Минбари халқ
9 марти соли 2016,
№10 (1042)

# БУЗУРГТАРИН ИНШООТИ ТАНДУРУСТИИ ТОҶИКИСТОН

саҳ. 2

**ПРЕЗИДЕНТИ** Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бунёду мавриди истифода қарор додани ин маркази бузургро туҳфаи арзандаи Пешвои миллат ба кормандони соҳа дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз ва истиқбол аз 25 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кард. Президенти мамлакат пешниҳод намуд, ки Маркази тандурустӣ ба номи Истиқлол гузошта шавад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба кормандони сершумори соҳаи тандурустии пойтахт муроҷиат намуда, онҳоро ба садоқат ба касби пурмасъулият ва бошарафашон ҳидоят кард. Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки сатҳи хизматрасониҳои тиббӣ ва муомилаю муоширатро бо мардуми ниёзманд беҳ созанд.

Бо ифтитоҳи Маҷмааи нави тандурустии Истиқлол 3500 ҷойи нави корӣ таъсис ёфт, ки ин яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати бобарори иҷтимоии роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ ва бо ин роҳ беҳтар кардани вазъи иқтисодию иҷтимоии зиндагии мардум мебошад.

Бунёд ва мавриди истифодадиҳии ин маркази замонавӣ барои беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва дастрасии шаҳрвандон ба он шароити мусоид фароҳам меорад.

Чунонки таъкид гардид, саломатии аҳли ҷомеа дар мадди аввал қарор дорад, зеро ба андешаи Пешвои миллат "солимии ҷомеа- сарвати давлат аст".

Зимни суҳбат Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон барои истифодаи технологияи пешрафтаи ташхисию табобатии муосир дастурҳои мушахас дод.

Пас аз анҷоми суханронӣ Сарвари давлат дар Маҷмааи тандурустии "Истиқлол" бо шароиту имкониятҳои ташхисгоҳ, шуъбаи наҷот ва муолиҷаи оҷил барои калонсолон, толорҳои ҷарроҳии асаб, ҷарроҳии умумӣ, ҷарроҳии дилу рагҳои хунгард, толори гиёҳдармонӣ, маркази иттилоотӣ, китобхонаи электронӣ бо 27 компютери ба интернет пайваст, таваллудхона, шуъбаи бемориҳои дарунии кӯдакона, бистарикунонии калонсолон, дармонгоҳ, озмоишгоҳ, ошхонаи кормандон бо 150 ҷойи нишаст ва дар саҳни ҳавлии маҷмаа бо варзишгоҳ шинос шуд.

Зимни шиносоӣ аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки маркази муҳташами тандурустӣ дорои 38 бинои аз 1 то 9 - ошёна буда, дар онҳо ҳамаи шароити зарурӣ барои қабул, муоинаю ташхис, табобат ва фароғату тавонбахшӣ муҳайё карда шудааст.

Дар марказ 620 номгӯи таҷҳизоти муосири ташхису табобатии истеҳсоли кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон аз ширкатҳои бонуфузи Русия, Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Япония, Олмон, Финляндия ва Чехия дастрас ва насб шудааст.

Дар ошёнаи аввал ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастгоҳҳои нодиртаринро намоиш доданд, ки нахустин дар Осиёи Марказӣ буда, ба ҷумҳурӣ дастрасу дар маҷмаа насб гардидааст.



Тавре мутахассисони соҳа иттилоъ доданд, бартарияти ин дастгоҳҳо дар он аст, ки кори табибонро сабук карда, якбора бо сарфаи вақт якчанд амалиётро иҷро менамоянд. Масалан, дастгоҳи ангеографрия, ки нодиртарин маҳсуб меёбад, ташхису табобати бемориҳои гуногун, аз қабили бемориҳои дилу рагҳои хунгард, касалиҳои занона ва ғайраро иҷро менамояд.

Дастгоҳи рентгении рақамӣ дар як лаҳзаи кӯтоҳ беморро аз ташхис мегузаронад. Дар ҳуҷраи мамографӣ бемориҳои ғадуди ширии занон ва саратони ғадудҳои ширии занон ташхис карда мешавад. Дар ҳуҷраи дансиометрӣ ҳолати физиологӣ ё потологии узвҳоро аз ташхис мегузаронанд. Яке аз бартариҳои ин дастгоҳ бо муайян кардани зичии бофтаҳои устухон пешгирии шикастани устухонҳои инсон мебошад.

Дар озмоишгоҳ аксар дастгоҳҳои муосире дастрас гардидааст, ки якбора якчанд амалиётро иҷро мекунанд. Масалан, дар озмоишгоҳи ташхиси бемориҳои сироятӣ дастгоҳҳои ширкати олмонӣ насб шудааст, ки дар як соат 96 амалиётро анҷом медиҳад. Заррабин бошад, замонавӣ буда, сифати баланди оптикӣ дорад ва маводҳои ташхисшавандаи бемориҳои сироятиро аз 1000 то ба 2500 дараҷа калон мекунад. Аксари дастгоҳҳои барқии тиббӣ дар ин марказ каммасраф мебошанд.

Дар ҳуҷраи шикастабандӣ бошад, дастгоҳе насб шудааст, ки дар вақти ҷарроҳӣ беморро аскбардорӣ карда, табобат менамоянд. Барои ин шахси осебдида ба дигар ҷой барои гузаштан аз ташхиси рентгенӣ намеравад.



Барои бемориҳои гӯшу гӯлу ва бинӣ дастгоҳи муосире насб шудааст, ки якбора метавонад беморро ташхис, беҳис ва табобат намояд.

Дар дармонгоҳи маҷмаа тамоми ҷараёни бақайдгирӣ, ташхис ва табобати бемор ба тавари компютерӣ ба системаи ягона ворид карда мешавад.

Дар шуъбаи наҷот ва муолиҷаи оҷил дар бахши ҷарроҳии калонсолон ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон имкониятҳои навтарини эҳёгарии беморон бо истифодаи васеъ аз технологияи компютерӣ оид ба ҳолати бемор намоиш дода шуд.

Тавре мутахассисон иттилоъ доданд, дар ин маҷмаа ба дастрас кардани дастгоҳҳои сайёр дар ҳар як ҳуҷраи ҷарроҳӣ, аз қабили рентгени мобилӣ, рентгени рақамӣ, таҷҳизоти махсуси нигоҳдории кӯдакони дар вақти таваллуд бо вазни то 500 грам, интиқоли ин гуна тифлони навзод аз як ҷо ба ҷойи дигар, гузаронидани ҷарроҳӣ бевосита дар худи таваллудхона барои кӯдакони бо нуқси модарзодӣ таваллудшуда, аз тарафи духтурони табобати кӯдакон ва насби камераҳо дар вақти ҷарроҳиҳои нақшавӣ барои тиббӣ фосилавӣ ва омӯзондани донишҷӯён афзалият дода шудааст.

Қаблан барои табобати як бемор аз дигар беморхонаҳо табиб даъват карда мешуд, ё ин ки барои ташхис шахси бемор ба дигар ҷо фиристода мешуд, акнун таҷҳизоти нодиру гаронарзиши тиббии маҷмаа имкон медиҳад, ки бемор дар ҷояш ташхис ва табобат карда шавад.

Барои таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар ин ҷо толори маснуъӣ фаъолият мекунад, ки тарзи расондани кӯмаки аввалини тиббӣ ба онҳо омӯзонида мешавад.

Дар маркази системаи ягонаи иттилоотии тандурустии ҷумҳурӣ ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки имкон аст то дар як махзан ҳолати бемор нигоҳ дошта шавад ва ба маркази ҷумҳуриявӣ таърихи ташхису табобат ва маълумоти вазъи сиҳатии аҳолӣ расонда мешавад.

Ба Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин имконияти муосири тибби фосилавиро намоиш доданд. Ин таҷриба аллакай дар ҷумҳурӣ ба тавари манфиатбахш муаррифӣ гардидааст.

Тавассути он табибон метавонанд дар фосилаҳои гуногуни маҳалли ҷойгиршавӣ бо якдигар барои анҷоми ҷарроҳиҳо ё дигар амалиёт табодули дониш ва таҷриба намоянд.

Дар ошёнаи дуюм ва ҳаштум бахши табобат бо гиёҳ амал мекунад, ки дар ин ҷо бо истифода аз гулу гиёҳҳои шифобахши Тоҷикистони биҳиштосо доруҳои гуногун омода мекунанд.

Баҳри беморone, ки дар ин ҷо табобат мегиранд, дар ошёнаи ҳаштум толорҳои алоҳидаи варзишӣ барои занону мардон ва кӯдакон сохта шудаанд. Дар толор таҷҳизоти муосири гуногуни машқи бадан дастрас гардидааст, ки мизоҷони маркази тандурустӣ метавонанд аз он васеъ истифода баранд.

Арзиши умумии иншооти маҷмааи тандурустии "Истиқлол" беш аз 700 миллион сомонӣ, аз ҷумла барои корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ 500 миллион сомонӣ, харид, интиқол ва васлу насби таҷҳизоти тиббӣ 270 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ, дар муассисаи мазкур 1000 ҳуҷраи тахассусӣ, 650 кати табобатӣ, (аз ҷумла 150 кати калонсолон, 182 кати ҷарроҳии кӯдакона, 213 кати соматикии кӯдакона, 100 кати таваллудхона), дармонгоҳ барои қабули 800 нафар дар як баст, 47 шуъбаи маъмурӣ, ёрирасон, дармонгоҳӣ ва зиёда аз 50 шуъбаи бистарикунонӣ мавҷуд аст. Дар пойгоҳи маҷмаа зеристгоҳи ёрии таъҷилии тиббӣ бо иқтидори 15 нақлиёти соҳавӣ, аз ҷумла 3 бригадаи ёрии наҷотбахшӣ, 1 адад нақлиёти ёрии таъҷилии тиббӣ барои интиқоли кӯдакони навзод фаъолият менамояд.

Инчунин дар ин ҷо иншооти гуногуни ёрирасон, толори конфронс бо 260 ҷойи нишаст, ошхона бо 150 ҷой, хонаи либосшӯӣ, маҷмааи варзишӣ, коргоҳи истеҳсоли доруворӣ ва ғайра низ омодаи хизмат аст. Маҷмаа муассисаи калонтарин барои табобат тавассути бистаринамоӣ дар пойтахт маҳсуб ёфта, 75 фоизи иқтидори он ба солимии модару кӯдак равона карда шудааст.

Бори нахуст дар сохтори тандурустии кишвар роҳандозӣ намудани фаъолият дар самти ҷарроҳии дилу рагҳои кӯдакон, сохтори алоҳидаи покнамоии хуни (гемодеалези) кӯдакон, шуъбаи муҳандисии клиникӣ, тибби суннатӣ ва 50 кати наҷоти бахшҳои гуногун амалӣ шудааст.

Лоиҳаи бунёди Маҷмааи тандурустии "Истиқлол" соли 1987 тасдиқ шуда, тайи солҳои дароз сохтмони он ба таъхир афтода буд, инак баъди беш аз 30 сол туфайли соҳибистиқлолии кишвар имкон фароҳам омад, ки дар доираи сиёсати созандаву бунёдкоронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ворид намудани тағйироту иловаҳо ба лоиҳаи марказ тибқи меъёрҳои муосир таҳия намудан, аз нав сохтмони иншоот 1 апрели соли 2013 оғоз гардид.

Иншоот дар масоҳати умумии 105 ҳазор метри мураббаъ бунёд ёфтааст.

Ин маҷмаа бузургтарин иншооти соҳаи тандурустии Тоҷикистон на танҳо дар замони соҳибистиқлолӣ, балки дар даврони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳам шояд беҳамто бошад.

Маҷмаа нахустин муассисаи бисёрсоҳаи тиббии кишвар мебошад, ки мутобиқ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ бунёд гардида, фарогири зинаҳои ташхис, табобат, аз ҷумла хадамоти ёрии фаврии тиббӣ ва офиятбахшии тибби муосир мебошад.

Дар пойгоҳи ин маҷмаа 14 кафедраи соҳавии Донишгоҳи давлати тиббии Тоҷикистон, Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Тоҷикистон, Коллеҷи ҷумҳуриявии тиббӣ ва ғайра фаъолият карда, метавонанд аз он чун пойгоҳи беҳтарини таълимӣ, илмӣ ва таҷрибаомӯзии амалӣ пурсамар истифода баранд.

# ПАЁМИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ МОДАР

**МОДАРОНУ ХОҲАРОНИ АРҶМАНД! ФАРЗАНДОНИ АЗИЗ!**

Ба ифтихори ҷашни фархундаи Рӯзи модарон, ки дар оғози фасли зебои баҳор ва дар арафаи соли нави аҷдодӣ фаро мерасад, тамоми модарону бонувони гиромӣ ва духтарони азизи мамлакатро самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо саломативу хушбахтӣ ва хонаободиву саодати рӯзгор орзу менамоям.

Ба оғози эҳёи табиат - фасли рӯидани сабза, шукуфтани гулҳо ва ҷомаи сабзи баҳорӣ ба тан кардани дашту саҳрои сарзамини зебоямон рост омадани Рӯзи Модар рамзи басо неку хуҷаста мебошад.

Чунки агар баҳор оғози эҳёи табиат ва зиндагӣ ибтидои нақшаву ниятҳо ва ташаббусу иқдомоти тоза, омодагӣ ба киштукор ва оғози нави корҳои ободониву созандагӣ бошад, Модар худ оғозгари зиндагӣ ва бахшандаи ҳаёт мебошад.

Аз ин рӯ, мо Модарро ҳамчун мавҷуди муқаддас дӯст медорем, мақому манзалат, қадру қимат ва ҳурмату эҳтироми ӯро ҳамеша пос медорем.

Модар арзандаи ҳама гуна эҳтиром, қадршиносӣ ва дӯстдорӣ мебошад, зеро ӯ меҳрубонтарин инсон барои ҳар як шахс буда, фарзанди худро бузургворона ва бо дилсӯзиву бахшоиш ҳамеша дастгиру пуштибон аст, ба хотири роҳату осоиши фарзандаш шабу рӯз заҳмат мекашад ва намегузорад, ки нури чашмони ӯ ба ранҷу озоре гирифтор гардад, бардаму солим ба камол расад, соҳиби одобу маърифат шавад, илму дониш ва касбу ҳунар омӯзад ва дар оянда барои ҷомеа хизмати сазовору шоиста анҷом диҳад.

Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти нақши барҷастаи занон дар ҳаёти давлат ва ҷомеа масъалаи таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занону модаронро ҳамеша дар маркази диққат қарор дода, дар доираи имкон дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ зоҳир менамояд ва ибтикороти созандаашонро доим дастгирӣ карда, барои амалӣ шудани онҳо ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Мо дар доираи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ ҷиҳати мунтазам беҳтар гардонидани вазъи занон, ҳифзи ҳуқуқии оила ва модару кӯдак, ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди оила ва сиёсати демографӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ барои занону духтарон ва муҳимтар аз ҳама, ҳарчи бештар ба раванди идораи давлат ҷалб намудани онҳо, яъне баланд бардоштани нақши иҷтимоии бонувону духтарон ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодаем ва бо итминон изҳор медорем, ки чунин сиёсатро минбаъд низ идома хоҳем дод.

Натиҷаи чунин ғамхориву дастгирии давлат ва Ҳукумат аст, ки ҳоло Тоҷикистон бино ба эътирофи коршиносон аз лиҳози шумораи намояндагони бонувону духтарон дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад.

Мо бо ифтихор гуфта метавонем, ки имрӯз бонуи тоҷик роҳбари кордон, муҳаққиқи донишманд, табиби ҳозиқ, соҳибкори муваффақ ва албатта, тарбиятгару омӯзгори меҳрубон аст.

**МОДАРОНУ ХОҲАРОНИ АЗИЗ!**

Тавре ки медонед, соли гузашта дар кишвари мо Соли оила эълон гардида буд, ки дар доираи он як силсила тадбирҳои судманд амалӣ карда шуданд.

Ҳадаф аз эълон шудани Соли оила баланд бардоштани маърифати хонаводагӣ, устувор гардонидани мавқеи оила дар ҷомеа, тақвият бахшидани масъулияти волидайн дар самти таълиму тарбияи фарзанд, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва муносибати хубу ғамхорона дар хонавода, эҳтироми падару модар ва умуман калонсолон, инчунин ҳифзи оила ҳамчун арзиши ниҳоят гаронбаҳои фарҳанги миллиамон буд.

Боиси қаноатмандист, ки шумо модарону бонувони азиз, ҳамчун нерӯи равшанибахши хонадон, мураббии нахустини фарзандон ва нигаҳдорандаи сафои зиндагӣ хеле корҳои шоистаро ба анҷом расонида, ҳамеша барои ҳифзи гармиву баракати хонавода ва мустаҳкам гардидани оила саъю талош мекунед.

Бовар дорам, ки шумо минбаъд низ ин рисолати муқаддаси худро бо сабру таҳаммули хоси занону модарони тоҷик иҷро карда, барои боз ҳам баланд бардоштани нақшу мақоми бонувону духтарон дар ҳаёти давлат ва ҷомеа, инчунин дар пешрафту ободии кишвари маҳбубамон саҳми арзишманд мегузоред.

Нақш ва таъсири шумо, модарони азиз, дар амри тарбияи фарзандон, хусусан духтарони худ дар рӯҳияи сабру таҳаммул, эҳтироми суннату анъанаҳои неки миллӣ, аз ҷумла нигоҳ доштани иззату ҳурмати калонсолон ва сарфаю сариштакорӣ, ба роҳи дурусти ҳаёт ва барпо намудани оилаи солиму устувор ҳидоят кардани онҳо бузург ва ҳалкунанда мебошад.

Зеро миллати соҳибфарҳангу тамаддунсози тоҷик дар тӯли асрҳои зиёд дар бобати ташкили оила ва муносибатҳои оилавӣ таҷриба ва анъанаҳоеро эҷод кардааст, ки онҳо барои наслҳои имрӯзу фардо чун ҷузъи муҳимтарини маънавиёт ва ҳаёти иҷтимоӣ мактаби беҳтарини зиндагӣ ба шумор мераванд.

Вобаста ба ин, меҳоҳам бори дигар хотирнишон созам, ки тарбияи фарзанд, дар навбати аввал, вазифаи муқаддаси оила, ҳар як падару модар ва баъдан мактабу ҷомеа мебошад.

Агар падару модарон фарзандро дуруст тарбия кунанд, фарзандон дар ҳаёт, албатта, хушбахт мешаванд, бо роҳи дуруст мераванд ва боғи падару модар мегарданд.

Дар навбати худ фарзандон вазифадоранд, ки эҳтироми волидайни хешро ба ҷо оранд, ба қадри ранҷу заҳмат ва меҳру муҳаббати падару модар расанд ва онҳоро дар даврони пиронсоливу беморӣ парасторӣ кунанд.

**МОДАРОНУ БОНУВОНИ ГИРОМӢ!**

Ҷаҳони муосир беш аз ҳар давраи дигар ҳассосу мураккаб гардида, имрӯз ифротгароӣ ва терроризм ба як зуҳуроти ниҳоят ташвишовар ва зиёда аз ин, ба вабои аср мубаддал ёфтаанд.

Ин раванди хатарнок масъулияти модарону бонувонро боз ҳам зиёдтар карда, аз онҳо зиракӣ, ҳушёрӣ, назорати доимии фарзандон ва ба тарбияи онҳо ҷиддӣ машғул шуданро тақозо менамояд.

Бахусус, модарони азиз метавонанд ва вазифадоранд, ки бо насиҳат ва эҳсоси муҳаббати модаронаи худ наврасону ҷавононро аз гаравидан ба гурӯҳу созмонҳои ифротиву террористӣ эмин доранд, ба онҳо сабақи дурусти ҳаётӣ диҳанд ва нагузоранд, ки фарзанди бо ҳазор ранҷу заҳмат парваридаи онҳо бадкирдору бадбахт шавад.

Зеро ба ҷуз модар каси дигар аз дили фарзанд огоҳ нест ва фарзанд низ модарро беҳтарин ва нахустин муаллими ҳаётии худ медонад.

Ҳамчунин, меҳоҳам ёдовар шавам, ки ҷашни шумо, занону модарони арҷманд, дар рӯзҳои омодагӣ ба ҷашни бисёр муборак ва азизи мардуми мо - Наврӯзи хуҷастапай таҷлил мегардад.

Ва тавре ки медонед, мардуми мо аз қадим ҳамчун миллати ободгару покизарӯзгор дар остонаи ин ҷашни бузург хонаву кошона, сару либос, асбобу ашёи рӯзгор, кӯчаву хиёбон ва маҳаллу гузари худро тозаву озода мекард, боғу гулгаштҳоро ба тартиб меовард, гулу ниҳол мешинонд ва Наврӯзи оламафрӯзро бо дили саршор аз меҳру муҳаббат ва хонаву дари покиза истиқбол мегирифт.

Итминон дорам, ки модарону бонувони арҷманди мо чунин суннатҳои деринаи миллиамонро дар оянда низ идомаи нек бахшида, дар амри ободии Ватани азизамон, оромии ҷомеаи кишварамон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон нақши пурарзиш мегузоранд.

Бо ҳамин умеду орзуҳои нек, шумо - модарону бонувони арҷмандро бори дигар ба муносибати ҷашни фархундаатон табрик гуфта, ба ҳар кадоматон тандурустиву саодатмандӣ, дар хонадонатон сулҳу оромӣ, осмони беғубор, бахту иқболи нек ва рӯзгори ободу осуда орзумандам.

**ҶАШН МУБОРАК БОШАД, МОДАРОН ВА БОНУВОНИ АЗИЗ!**

*07.03.2016, шаҳри Душанбе*

Минбари халқ
9 марти соли 2016,
№10 (1042)

# Даҳ иқдоми созандаи Пешвои миллат

**Паёми имсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, давоми мантиқии Паёми порсола буда, боз ҳам бештару қавитар ҷанбаи раҳнамунӣ касб кардааст. Ҷаноби Олӣ муҳимтарину хотирмонтарин чорабиниҳои халқу кишварро ёдовар гардида, таъкид доштанд, ки ҳамаи онҳо дар амри густариши ҳисси миллӣ, худшиносиву худогоҳии аҳли ҷомеа, афзоиши нуфузу эътибори кишварамон нақши муассир гузоштанд.**

**БОЯД** қайд кард, ки минбаъд ҳадафҳои асосии ҳукумату мамлакат аз инҳо иборат аст: 1. Гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши нерӯи барқ; 2. Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ёфтан ба кишвари транзитӣ; 3. Таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо ғизои хушсифат.



Албатта чунин аҳдоф бе иқтисоди самаранок, бе рушди нерӯи инсонӣ, бидуни тараққию болобурди манотиқи саноатӣ имконпазир нахоҳад шуд ва ҳукумат ин ҳамаро пайваста ба нақша даровара, шароити мусоидро фароҳам меорад.

Саноатикунонии мамлакат низ аз стратегияи рушди минбаъда ва пешбар маҳсуб меёбад. Барои амалӣ гардонидани ин иқдом коркарди пурраи маҳаллии ашёи хом, зиёд намудани маҳсулоти рақобатпазир, афзудани тавоноии содиротӣ, беҳтар сохтани тавозуни хориҷӣ, ҷорӣ намудани роҳу усулҳои самараноки идораи иқтисоди камхарҷу сермаҳсул ва хушсифат, техникаю таҷҳизоти каммасрафи барқӣ, пайдо кардани шарикони боэътимоди саноатию тиҷоратӣ, мутавозӣ сохтани истеҳсолот, ҳавасмандгардонии содирот, зиёд кардани номгӯи махсулоти содиротӣ, соддагардонии расмиёти савдо, афзалиятбахшии энергияи барқароршаванда зарур аст. Бо ин мақсад Ҳукумат барои ҳарчи бештар истифода бурдани захираҳои табиӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Мутаассифона, ҳоло чунин захираву имкониятҳо хеле ночиз истифода мешаванд, аз ин ҷост, ки давлат энергетикаи обиро асоситарин самти афзалиятнок меҳисобад, то ба истиқлолияти энергетикӣ бирасад.

Бо ҷойи корӣ таъмин намудани аҳолиро Ҳукумат аз мубрамтарин тадбирҳои фаъолияти хеш қарор додааст. Зеро дар сурати амалӣ гардидани ин нақша қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа, ки ҷавонон мебошанд, соҳиби машғулият хоҳанд шуд ва ин асоситарин омили эмин доштани ҷавонон аз гаравидан ба ҳар гуна гурӯҳу ҷамъиятҳо ва ҷараёну ҳаракатҳои ифротӣ аст.

Сарвари кишвар бар онанд, ки дар шароити кунунӣ мамлакат бидуни рушди зироатпарварӣ фаъолияташро солим пеш бурда наметавонад. Дар ин ҷода барномаи рушди боғу токпарварӣ, ки барои солҳои 2016-2020 қабул шудааст, барои дар 5 соли охир бунёд кардани 20 ҳазор гектар боғу токзор мусоидат менамояд.

Ҳукумати Тоҷикистон аз ибтидои фаъолияташ ба ободонии роҳ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад ва ин аллакай дар саросари мамлакат назаррас аст. Аз Паём маълум гардид, ки солҳои минбаъда низ ин иқдом идома хоҳад ёфт ва далелҳои мушаххаси Президенти кишвар ва масъулини соҳаро вазифадор кардани эшон шахсро ба чунин хулоса мерасонад, ки ободии роҳ ободии кишвар аст.

Фаъолияти бонкҳоро баррасӣ намуда, Сарвари давлат вазифадор намуданд, ки "Бонки миллӣ, Вазорати молия ва Кумитаи андоз ҷиҳати таъмин намудани фаъолияти самараноку устувори низоми бонкӣ, ҷалби сармоя барои дастгирии бонкҳо ва қарздиҳӣ, беҳтар кардани сифати сандуқи қарзии бонкҳо ва дастрасии хизматрасонии бонкӣ ба мизоҷон, таҳкими инфрасохтори низоми пардохт бо истифода аз таҷҳизоту технологияҳои муосир ва фаъол гардонидани бозори коғазҳои қиматнок тадбирҳои иловагӣ андешанд."

Сохтори истеҳсолии имрӯза бе соҳибкории хурду миёна тасаввурнопазир аст. Аз ин ҷост, ки ба ин соҳа аз ҳисоби буҷаи давлатӣ 120 миллион сомонӣ ҷудо карда шудани маблағ ба рушди минбаъдаи он мусоидат мекунад. Дар навбати худ тараққӣ ёфтани соҳибкорӣ барои беҳтар гардидани муносибатҳои меҳнатӣ, машғулияти аҳолӣ, касбомӯзӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, кам шудани муҳоҷирати меҳнатӣ барои аз кишвари воридотӣ ба мамлакати содиротӣ табдил ёфтани Тоҷикистон заминаи беҳтар фароҳам меорад. Аммо барои расидан ба ин ҳадафҳо коргарону коршиносони соҳибмаълумот ва соҳибихтисоси замонавӣ лозиманд.

Бо мақсади ҳарчи бештару зудтар омӯзонидани нозукию навгониҳои касбӣ, техникаю технологияи нав, талаботи иқтисодии муосир, баробари муассисаҳои таълимии мавҷуда дар назди вазорату корхонаҳои калону бузурги маҷмаавӣ таъсис намудан ва зиёд кардани курсҳои кӯтоҳмуддати тахассусӣ ва бозомӯзӣ мувофиқи мақсад мебуд.

Мусаллам аст, ки Тоҷикистон чун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ наметавонад аз бурду бохти он дар канор бошад. Баръакс Президенти кишварамон дар баррасии ағлаби масоили ҷаҳонӣ, аз ҷумла, терроризму экстремизм пешдастӣ доранд. Вақте ки Сардори давлат 15 сол пеш вобаста ба авзои Афғонистон аз доман паҳн кардани терроризм бонги хатар зада буданд, аксар сиёсатмадорон масъаларо нодида гирифта, ба моҳияти он аҳамият надоданд ва имрӯз аз ҷаҳонгир шудани он дар изтиробанд. Вале ҳанӯз ҳам бархе аз сарони давлатҳо ба ҷои пешгирӣ ва мубориза бо он ҷонибдориашро авло меҳисобанд. Ҳол он ки Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хатари ҷаҳонсӯзи онро эҳсос намуда афзуданд, ки "имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст".

Дар шароити Тоҷикистон аввалан воқеию доимӣ, огоҳонаю дурбинона, мақсадноку фарогир ба роҳ мондани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ бо иштироки тамоми қишрҳои ҷомеа ва тамоми воситаҳо натиҷаи дилхоҳ бояд диҳад. Бигзор ба ин кор зери назорати давлат кормандони масҷиду мадрасаҳо низ вазифаи шаҳрвандиашонро адо намуда, дар назди ҷомеа масъулият ҳис кунанд. Ҳарчанд ки дин аз давлат ҷудост, вале дар ҷомеа зиста, аз он берун будан ҳам мумкин нест. Чаро моҳи рамазон 30 рӯз тамоми расонаҳо чун минбари онҳо хизмат мекунаду дар ин гуна масъалаи ҳассос эшон дар канор бошанд, онон низ барои амнияти халқу давлати хеш хизмат намоянд. Ин ҳама омили ҳамзистӣ, дӯстию рафоқат, тавҳиду ягонагӣ дар дохилу хориҷи кишвар буда метавонад, зеро чунин дӯстию дӯстпарварӣ табиати тоҷикону тоҷикистониён аст. Дуюм василаи пешгирии бегонагароӣ, албатта, беҳдошти иҷтимоиёти мардум ва мамлакат мебошад, ки бо ғамхории Пешвои миллат аз хоҷагии футуррафта ба давлати аграрию саноатӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон собити ин далел аст.

**Тамоми фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳукумати он, мардуми шарафёри кишвар ба баланд бардоштани иҷтимоиёт, маърифат, рушди саноат, истифодаи оқилонаи захираҳои табиат, истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, таҳкими неруи инсонӣ, таъмини амният, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ равона шудааст ва амалӣ гардидани чунин иқдоми неку созанда туҳфаи сазоворест ба истиқболи 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз.**

**Т. ШОКИРОВ,**
*мудири кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ, академики Академияи табиатшиносии Русия*

**М. ҒОЗИЕВА,**
*дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи политехникии ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ, номзади илми таърих,*

**Н. ИБРОҲИМОВА,**
*муаллимаи мактаби таҳсилоти ҳамагонии №19-и ш.Хуҷанд*

**Масъалаи замини наздиҳавлигӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ба яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳим табдил ёфтааст. Ҳарчанд Ҳукумати мамлакат ҳамасола барои бунёди хонаҳои истиқоматӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобида қитъаҳои муайянро ҷудо мекунад, вале талаботи рӯзафзуни аҳолиро ҳанӯз қонеъ карда наметавонад.**

# ЧАНД ПЕШНИҲОДИ ЯК МАРДИ ДЕҲОТӢ

**БА** ҳамагон маълум аст, ки кишвари кӯчаки мо ҳамагӣ 7 фоиз ҳамворӣ дорад ва ин раванд агар ба ҳамин тариқа идома ёбад, рӯзе мерасад, ки барои кишт дар Тоҷикистон замин намемонад. Зеро заминҳои кишт ба ҳар роҳу усул ба қатори заминҳои корношоям (санглох, шӯрахок, ғайрикишоварзӣ ва ғайра) даровара шуда, ба мардум барои сохтмони бинои истиқоматӣ тақсим карда мешавад. Дар асл мо зидди ба аҳолӣ тақсим кардани замин нестем. Фақат мехоҳем, ки роҳҳои дигари қонеъ гардондани талаботи мардумро ба манзил пешниҳод намоем:

## 1. СОХТМОНИ БИНОҲОИ БАЛАНДОШЁНА ДАР ДЕҲОТ

*Деҳоти мамлакати мо имрӯзҳо ниёз ба бунёди хонаҳои баландошёнаро дорад. Ин кор заминҳои корамро аз камшавӣ нигоҳ медорад, мардумро аз ташвиши хонасозӣ озод мекунад. Одамон фарҳанги шаҳрнишиниро аз худ мекунанд… Аз ҳама муҳимаш он аст, ки танҳо дар якто чунин хона метавон мардуми як деҳаро одамро гунҷонид. Дар сохтмони чунин биноҳо (деҳаҳо, шаҳракҳо) ҳам аз маблағҳои давлат, ҳам аз ҳисоби мардум (чӣ хеле, ки алҳол аксари биноҳои истиқоматии баландошёна ба ҳамин тарз сохта мешаванд), ҳам ба нерӯи соҳибкорони маҳалливу хориҷӣ ва аз маблағҳои грантӣ метавон истифода бурд.*

## 2. ИСТИФОДАИ МАНОТИҚИ КӮҲИСТОН БАРОИ СОХТМОН

*Барои сохтмони манзилҳои истиқоматӣ истифода бурдани танҳо қисматҳои кӯҳистон мувофиқи мақсад аст. Дар ин ҳолат дараҷаи бехавфии маконро ҳатман ба назар бояд гирифт. Зеро Тоҷикистони мо дар минтақаи серзилзила ҷой гирифтааст ва ҳар гуна саҳлангорӣ дар ин кор метавонад оқибатҳои ногувор дошта бошад. Ногуфта намонад, ки баъзе кишварҳои муттарақии камзамин аз ҳамин восита истифода мебаранд ва замин дар ин мамолик ба зар баробар аст.*

## 3. БА МАНЗИЛИ ИСТИҚОМАТӢ ТАБДИЛ ДОДАНИ ЗАМИНҲОИ ДУ ТАРАФИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

*Имрӯзҳо дар кишвар сохтмони роҳу шоҳроҳҳои автомобилгард босуръат давом дорад ва ин дарояндаи наздик метавонад кишвари моро ба як мамлакати туристӣ табдил диҳад ва аз ин роҳҳо метавонанд ҳазорон нафар меҳмон гузаранд. Агар дар ду тарафи ин роҳҳо биноҳои истиқоматии зебо сохта шаванду ошёнаҳои аввал ҳамчун коргоҳу корхона ва ошёнаҳои дуюму сеюм ҳамчун истиқоматгоҳ истифода шаванд, аз манфиат холӣ нест. Зеро бо ин усул мо метавонем ҳусну қубҳи кишвари худро зеб диҳем, мардумро ҳам бо ҷои кор таъмин намоем ва ҳам бо ҷои зист. Як ҷиҳати мусбати ин кор боз дар он аст, ки масъалаи сохтмони роҳҳои иловагӣ аз байн меравад, мусофирон метавонанд дар сари ҳар як қадам истироҳат кунанд, чизе биханд ва чизе ба савғо бубаранд, мошинҳои худро таъмир кунанд ва монанди инҳо.*

## 4. СОДДА КАРДАНИ ҲУҶҶАТГУЗОРИИ ЗАМИНҲОИ НАЗДИҲАВЛИГӢ

*Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки мардум дар мураттаб сохтани ҳуҷҷат барои заминҳояшон ба мушкилиҳои зиёде дучор мешаванд. Аз додани ариза барои замин сар карда то тартиб додани лоиҳаи мувофиқ барои сохтмон мардум он қадар сарсон мешаванд, ки ба гуфтан рост намеояд. Хуб мешуд, ки баъди баромадани қарори дахлдор ба дасти корафтодагон сертификати тайёр бо имзову муҳри идораҳои ба ин кор марбут бо гирифтани маблағи муайян ба фоидаи давлат дода шавад. Ин кор метавонад мардумро аз як тараф аз ташвишу тараддудҳои асабхаробкунанда наҷот диҳад, аз тарафи дигар хароҷоти зиёдатиро аз байн бараду хазинаи давлат ғанӣ гардад.*

**Садриддин ОЛИМПУР,**
*ноҳияи Файзобод*

# ҲИДОЯТҲОИ РАҲНАМУНСОЗИ САРВАРИ ДАВЛАТ

**Бо ташаббуси Ташкилоти байналмилалии Фонди "Диалоги Авруосиё" чанде қабл ба муносибати қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат" дар Китобхонаи миллӣ конфронси илмии ҷумҳуриявӣ "Эмомалӣ Раҳмон-Пешвои миллат ва нақши таърихии ӯ дар баланд бардоштани тамаддуни моддӣ ва маънавии миллат" баргузор гардид.**



**УЗВИ** пайвастаи Академияи педагогӣ ва иҷтимоии Русия, профессор Нодир Одилов конфронсро ифтитоҳ намуда, таъкид намуд, ки ҳамчун Пешвои миллат эътироф шудани Эмомалӣ Раҳмон ғалабаи садоқат бар ҷаҳолат буд.

- Агар гӯем, ки муваффақиятҳои ба даст овардаи даврони истиқлолият маҳсули садоқат байни сиёсати давлат ва ҷамъияти шаҳрвандӣ аст, хато намекунем.-гуфт Нодир Одилов,-Боре дар ҷашни Рӯзи Ваҳдат дар ноҳияи Рашт, ҳангоме ки аз назди мардум мегузаштем, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон амр кард, то мошинаш истад. Дидем, ки духтараке дар аробачаи маъюбӣ нишаста, дар дасташ қабзаи гул интизори табрик кардани Президент аст. Вақте Сардори давлат назди он духтарак рафт, қабзаи гулро аз дасташ гирифта, пурсид, ки "чӣ хизмат кунам?" Духтарак гуфт: "Шумо хизматро кардед, ин хизмати Шумост, ки мо имрӯз аз хавфу хатарҳо эмин буда, дар вазъияти ором шодиву хурсандӣ карда истодаем". Чунин мисолҳо зиёданд. Факту рақамҳо баёнгари онанд, ки воқеан Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллатро ба роҳи дурусти таърихӣ ҳидоят карда, роҳи интихобкардаи ӯ асоси илмӣ дошта, талаботи тамоми миллатҳои ин сарзаминро ифода мекунад.

Вазири фарҳанги ҷумҳурӣ Шамсиддин Орумбекзода дар суханронии хеш нақши таърихии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар рушди фарҳанги миллӣ ёдовар шуда, таъкид намуд, ки Президенти мамлакат кори давлатдории худро бо фарҳанг оғоз кард. Фарҳанги сулҳофарии ӯ ибратомӯзи ҷаҳониён аст. Таҷлили чорабиниҳои фарҳангӣ симпозиуму конфросҳо намоишҳои байналмилалӣ бахшида ба таҷлили солгарди фарзандони барӯманди миллат, таҷлили санаҳои бузурги фарҳангӣ, бунёди иншоотҳои замонавӣ, барқарорсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, эҳёи суннатҳо ва анъанаҳои ҳазорсолаи миллӣ, қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тавассути баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ, тарғиби фарҳанги пурғановати миллӣ дар кишварҳои хориҷӣ, баргузории рӯзҳои фарҳангиву ба роҳ мондани сафарҳои ҳунарӣ ва амсоли он аз аввалин рӯзҳо дар маркази таваҷҷуҳи роҳбари давлат қарор доштаву дорад.

- Президенти давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз пешвоёни ташаббускор ва пешоҳанг дар ҳалли масъалаҳои глобалии ҷаҳони имрӯз мебошад,-гуфт муовини якуми Вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ Низомиддин Зоҳидӣ, - Се ташаббуси Президенти мамлакат доир ба Соли байналмилалии оби тоза эълон намудани соли 2003, эълони "Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об"(соли 2013), "Даҳсолаи байналмилалии амалиёти об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015"-ро СММ ҷонибдорӣ намуд. Алҳол дар сохторҳои гуногуни СММ пешниҳоди дигари муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди эълони даҳсолаи байналмилалии об ба хотири рушди устувор мавриди баррасӣ қарор дорад.

Муовини раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди ҳукумати ҷумҳурӣ Ҳабибулло Амирбекзода аз хизматҳои шабонарӯзии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ёдовар шуда, чунин гуфт:

-Таърихи миллати тоҷик ҳамеша ин корнамоии арзишманд ва беназири Пешвои барӯманди худро дар ёд хоҳад дошт. Ҳамчун Пешвои воқеии миллат шинохта шудан дар муосири таърих ба кам шахсиятҳо муяссар гаштааст. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти созандаву бунёдкорона ва маҳбубияте, ки байни мардуми кишвар доранд, аллакай ҳамчун Пешвои миллат шинохта шуда буданд. Нишонаҳои он дар эҳтироми бузург, қадрдонӣ ва мояи ифтихор донистани ин нобиғаи сиёсат ва давлатдории муосир аз тарафи халқ мебошад.

Ҳабибулло Амирбекзода таъкид намуд, ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо дилу нияти нек зимоми давлатро дар замони хело ҳассос, ки хавфи порокандашавии давлат ва аз байн рафтани миллати тоҷик бараъло эҳсос мегардид, ба уҳда гирифта, дар як муддати кӯтоҳ шӯълаи умедро дар қалби ҳар як фарди миллат фурӯзон намуд.

Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҷумҳурӣ Худобердӣ Холиқназар дар бораи саҳми бузурги Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ дар мамлакат маълумот дода, дар ин роҳи душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор нишон додани Сарвари давлатро ёдрас шуд.

- Фаросати азими мардумпарварона ватанпарастӣ ва миллатдӯстии Эмомалӣ Раҳмон боиси он гардид, ки ҷони хешро ба гарав монда, барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафарҳои пурхатар намуда, билохира сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор кард,-гуфт Худобердӣ Холиқназар- Имзои созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва рисолати миллӣ дар Тоҷикистон ба давлатҳои гуногуни ҷаҳон нишон дод, ки минбаъд тамоми мардуми ҷумҳурӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва эҳтиром карда, сохти демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро қабул намудаанд.

Худобердӣ Холиқназар пешниҳод намуд, ки ба кӯмаку мусоидати СММ дар Тоҷикистон Пажӯҳишгоҳи Ваҳдати миллӣ ва фарҳанги сулҳу Пешвои миллат, ки бевосита дар даҳсолаи наздик барои амалӣ кардани манфиатҳои миллии мо, тарбияи насли наврас ва бахусус ҷавонон дар рӯҳияи садоқат ба ваҳдати миллӣ ва фаҳмиши дарк ва қадрдонии сулҳу субот дар Тоҷикистон мебошад, таъсис дода шавад.

Ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ, академик Носирҷон Салимӣ изҳор намуд, ки асл ва асоси пирӯзиҳои таърихии Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳои олии миллӣ ва барномарезиҳои дақиқу созандаи ӯст, ки бо нерӯи иродати бузурги ватанхоҳию ватандорӣ дар сатҳи сиёсати давлатӣ барои эҳёи иқтидори маънавии тоҷикон ҳама васила ва заминаҳоро муҳаё сохт. Ҳамин сиёсати хирадмандона буд, ки ҷомеаро аз буҳрони амиқи сиёсӣ берун овард. Бо татбиқи ислоҳоти конститутсионӣ ва поягузориву такмили ҳокимияти давлатӣ дар саросари кишвар низоми собит ва фазои мусоидро устувор намуд, ки он сарчашмаи ҳамаи бунёдкориҳо, тараққиёт ва сарсабзиҳои кишвари мост.

Президенти Академияи таҳсилоти ҷумҳурӣ, профессор Ғуломқодир Бобизода дар бораи хизматҳои Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳаи маориф ёдрас шуд.

-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи душвори замони роҳбарии кишвари ҷангзадаро ба уҳда гирифтанаш аз як сӯ мардуми овора ва паҳну парешоншударо сарҷамъ намуда, аз сӯи дигар бобати танзим ва рушди самтҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистони маҳбуб тадбирҳо андешид,- гуфт Ғуломқодир Бобизода,-Таъкидҳои Сарвари давлат оид ба таҳсилот, моҳияти тамоми ҳуҷҷатҳои соҳаро ташкил доданд. Таҳсилот ҳамон вазифаҳоеро анҷом медиҳад, ки ҷомеа ва давлат дар назди аҳли он мегузорад. Вақте ки таҳсилот дар симои давлату ҷамеа ҳомӣ пайдо мекунад, мунтазам рушд намуда, вазифаҳояшро беҳтару хубтар анҷом медиҳад. Вай ҳамчун эҳёгари таърих робитаи наслҳоро устувор мегардонад.

Иштирокчиёни конфронс аз баргузории чунин як чорабинии сатҳи баланд истиқбол намуда, пешниҳод карданд, ки оянда дар макотиби олии кишвар низ ин гуна конфронсҳо баргузор шаванд.Аз ҷониби сарпарастони чорабинӣ ба Пешвои миллат туҳфаи хотиравӣ эҳдо шуд.

**С.СУННАТӢ**, *рӯзноманигор*

**Парлумон**

# БӮСТОНУ ГУЛИСТОН

## ШАҲРҲОИ НАВИ ТОҶИКИСТОН

Дар ҷаласаи панҷуми иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум, ки таҳти раёсати Маҳмадсаид Убайдуллоев санаи 3 март баргузор гардид, аъзои Маҷлиси миллӣ қабл аз ҳама ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзодро дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 шуниданд. Аъзои Маҷлиси миллӣ бо ба инобат гирифтани ҳисобот ҷиҳати тақвияти фаъолияти минбаъдаи мақомоти прокуратура таъкид намуданд, ки баҳри таъмини волоияти қонун беш аз ҳарвақта пурзӯр намудани назорати прокурорӣ ва саривақт эътирозҳои воқеӣ овардан ба қонунпоймолкуниҳои субъектҳои ҳуқуқӣ, санадҳои ғайриқонунӣ қабулкардаи роҳбарони мақомоти дахлдори давлатӣ новобаста аз таҷзияву тобеияти идоравӣ ногузир мебошад.

Раиси Маҷлиси миллӣ Маҳмадсаид Убайдуллоев таваҷҷуҳи Прокурори генералиро барои тақвияти фаъолият дар самтҳои гуногуни иҷрои вазифаҳои хизматӣ нигаронида, аз ҷумла таъкид сохт, ки дар доираи салоҳиятҳои худ баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар кишвар назорати прокурориро аз болои иҷрои вазифаҳои хизматию таъинотии тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қудратию низомӣ, қабл аз ҳама кормандони прокуратура ва таҳқиқи босифати парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи онҳо, риояи якмароми қонун аз ҷониби кулли сохторҳои давлатию институтҳои шаҳрвандӣ ва соҳибкорию хизматрасонӣ таври қатъӣ пурзӯр намояд. Зикр шуд, ки муассиртар намудани назорати прокурорӣ аз болои вазъи заминистифодабарӣ дар кишвар, сохтмону меъморӣ, ҳифзи меҳнат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва баррасии саривақтии муроҷиати шаҳрвандон, риояи ҳолати санитарию экологӣ, танзими расму ойин, иҷрои уҳдадориҳои масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд, пешгирии ҷинояткорӣ миёни ноболиғон ва ҷавонон, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар, инчунин тарҳрезии муборизаи дастаҷамъона алайҳи коррупсияву дигар зуҳуроти номатлуб, қабл аз ҳама экстремизму терроризм дар ҳама шаклҳои ифодаёбияш ва баланд бардоштани сатҳу савияи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҷиҳати пешгирии содир намудани ҷиноят ва доғдор гардидани шаҳрвандон, ҳамчун тақозои вақт, беш аз ҳарвақта ногузир мебошад.

Баъд аз шунидани ҳисоботи Прокурори генералӣ ва баррасии ҳамаҷонибаи он аъзои Маҷлиси миллӣ бо хулоса аз гузоришҳои аз тарафи раисони Кумитаҳои марбутаи Маҷлиси миллӣ - Бахтиёр Худоёрзода, Давлатшо Гулмаҳмадзода, Раҳимӣ Фарҳод, Раҳмоналӣ Амирзода ва Муҳаммадюсуф Имомзода пешниҳодгардида, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба як зумра Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мақсади такмилу мукаммалгардонӣ ва мутобиқсозии ҳар кадоми онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда, ки аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ таҳия гашта, баъд аз қабули Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ унвонии Маҷлиси миллӣ пешниҳодёфтаро бо мавриди муҳокима қарор доданд, ҷонибдорӣ намуданд.

Дар иҷлосия Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" ва "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба 27 қонуни ҷории кишвар, аз қабили Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқ-вайронкунии маъмурӣ ва мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, оила ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ"- ҷонибдорӣ карда шуд.

Бо Қарори Маҷлиси миллӣ пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Ҳисор ба категорияи шаҳр мансуб дониста шуда, номи шаҳри Қайроққум ба шаҳри Гулистон, шаҳри Чкалов ба шаҳри Бӯстон ва ноҳияҳои Ғончӣ ба Деваштич, номи ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ ба Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷиликӯл ба Дӯстӣ, Қумсангир ба Ҷайҳун, Шӯрообод ба Шамсиддин Шоҳин, Тавилдара ба Сангвор, Ҷиргатол ба Лахш тағйир ёфта, бо тағйир додани сарҳади деҳоти ба номи Носири Хусрав ва ба номи Ишмурод Ниёзови ноҳияи Қубодиён таъсис додани шаҳраки Қубодиён ва онро муқаррар намудани маркази маъмурии ноҳияи Қубодиён, таъсис додани шаҳракҳои Исмоили Сомонӣ ва Шириншоҳ Шоҳтемури шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва дар ҳудуди деҳоти Сучони ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъсис додани деҳаи нав ва Раҳмонобод номгузорӣ кардани он ҷонибдорӣ карда шуданд.

Дар иҷлосия аъзои Маҷлиси миллӣ раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният - Худоёрзода Бахтиёр Таварро бинобар фаъолияти пурсамар ва беназираш дар Маҷлиси миллӣ бо "Ифтихорномаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз гардонида, бинобар сабаби ба кори дигар гузаштанаш пеш аз муҳлат ваколаташро ба ҳайси узви Маҷлиси миллӣ қатъ намуданд.

**"МХ"**

Фарҳанги муошират

# Суҳбати гулҳо

**Чунин унвон дошт маҳфили зебое ба ифтихори Рӯзи Модар дар Китобхонаи миллӣ. Ба ин ҳамоиши идона узви Маҷлиси миллӣ шоираи дӯстдоштаи мардум Меҳриниссо Бобобекова ҳусни тоза бахшид.**

**САРОҒОЗ Сайфиддин Назарзода**, директори Китобхонаи миллӣ аз таърихи ҷашни муборакимодарон аз аҳди Авасто то ба имрӯз суҳбате дошт, ки боз як даричаи тозаеро барои омӯхтани таърихи миллат ва ошноӣ бо фарҳанги ниёгон дар мавриди ин ҷашни миллати мо, ки поси хотири модарон аст, барои ҳозирин во намуд.

Муовини аввали раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Марҳабо Олимӣ** дар суҳбати муфассали хеш аз сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди арҷгузориҳо ба модарон ва имтиёзҳо ба духтарону занони кишвар ва баланд бардоштани мақоми бонувон дар замони соҳибистиқлолӣ сухан гуфта, аз теъдоди зиёди занон дар Китобхонаи миллӣ изҳори шодмонӣ кард.

**Меҳриниссо Бобобекова** чун ҳамеша бо қироати шеърҳои тоза таваҷҷуҳи аҳли нишастро ба мавқеи симои зан-модар, дар таронаҳое, ки бо лаҳни ширину гуворои овозхони писандидаи мардум **Сабоҳат Наҷмиддинова**, ки ҳардуро боз ҳам маҳбубтар гардонидаанд, бештар ҷалб намуда, боиси табъи болидаи онҳо гашт.

Дар ин ҳамоиши модарон, гуфтугӯи гулҳои гулистони адабу фарҳанг ва махзани илму дониш, ки бо садрангиҳояш воқеан иди модарон буд, кормандони китобхона ҳам шеърхониву ҳунарнамоӣ карданд.

Толори пургули ин даргоҳи маърифатро ту гӯйи миёни гулҳои зиндаву сухангӯву рақсон ва гулҳои наргису лолаву садбаргу настаран, бо шукуфоии гулҳои хонагии гулдонҳои китобхона дар мусобиқа оварда буду ҳар кадоме бо ранг, бӯ, ҳусн ва ҳунару донишварзии хеш собит кардан мехост, ки бонугулҳо аз гулҳои табиӣ ҳам таровату ҳусни бештаре доранд, зеро бар зamми зебоиҳо онҳо боз донишу истеъдодҳои хосеро дороянд, ки қадри ҳар зану модареро он боз афзунтар мегардонад.

Суҳбати гулҳоро дар Китобхонаи миллӣ натанҳо мавзӯи зан, модар, баҳор, зебоӣ, тарғиби донишу маърифат, ватандӯстиву садоқат ба меҳан, ишқ ва зебоиҳои кишвар, ҳамчунин ширкати Шоираҳои дигар чун **Баҳриниссо, Марямбонуи Фарғонӣ, Шоираи Раҳимҷон, Адибаи Хуҷандӣ, Адибаи Азиз, Таманно Ализода, Хиромон Неъматзода** ва чанд тани дигар аз қаламкашону рӯзноманигорон таровати хоса бахшида буд.

Бонуи хушлаҳну сарояндаи хушсадои кишвар Сабоҳат Наҷмиддинова, ки бо шоира **Меҳриниссо** аз меҳмонони доимии Китобхонаи миллиянд, ҳар боре тавъам доди сухан ва сурудро дода, собит месозанд, ки кормандони Китобхонаи миллӣ, ки рисолати хидмат ба донишандӯзии хонандагонро бар дӯш доранд, сазовори лаҳзаи тафреҳи фарҳангиро аз дигарон бештар доранд.

-Хеле хушам меояд, агар аҳли толор аз аҳли завқ ва аҳли сухану идрок бошад. Дар чунин минбарҳо мо шоирон масъулияти бештаре эҳсос мекунем ва худ лаззати дигаре аз сомеонамон мебардорем, зеро хуб медонем, ки шунавандаи мо дарки маънӣ дорад,- гуфт пас аз анҷоми ин нишаст, шоира Меҳриниссо.

Дар ин ҳамоиши модарон, ки худ гулҳои зиндагӣ, гулҳои сари сабади ҳар хонадонанд, тавъамии донишу завқу ҳунару фарҳанг бори дигар собит мекунад, ки модари босавод ҷомеаи босаводро месозад.

Суҳбати гулҳо, ки шабеҳи базми гулҳо барои арҷгузории модарон таҳия ва пешниҳод гардида буд, месазад, ки мудаввом бошад, то ба суҳбати фарҳангҳову гуфтугӯи тамаддунҳо рафта бирасад.

**Ҳ. АЛИЗОДА**

# ҚАДРДОНИИ БОНУВОНИ НИЗОМӢ ДАР РӮЗИ МОДАР

**Таҷлили Рӯзи модар дар саросари кишвар шукӯҳу шаҳомати хос дошт, ки он аз бузургии модар ва мақоми ӯ дар зиндагии мо шаҳодат медиҳад. Ба ин хотир ташкилоти ибтидоии ҲХДТ - и Кумитаи марказии ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии кишвар як ҳамоиши хотирмоне барои бонувони ин ду кумита баргузор намуданд.**

**РАИСИ** Кумитаи марказии ҷамъиятии ташкилоти мададгори мудофиа (ТҶММ) генерал - майор Файзалӣ Лангариев зимни суханони ифтитоҳӣ ва табрикотии хеш перомуни нақши хосаи модарон дар тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастӣ ва саҳми бонувон дар ниҳодҳои ҳарбӣ, хидмати занону модаронро дар замони муосир хеле боризу арзанда хонд. Мавсуф аз тавъамии зебоиҳои фасли баҳор ва Рӯзи модар аз сабзгунии табиат ва сарсабзии модарони сарбаланди Ватан сухан гуфта, чун як сарбози ҷонфидои ин марзу бум хидмат ба Ватан ва модарро шарафи мардонагӣ номид.

-Бузургии модарони мо дар он аст, ки ҳанӯз дар сари гаҳвора бо замзамаи алла ба гӯши тифл хислатҳои ҷасуриву мардонагиро ҷо мекунанд. Баъдан, ба кӯдак аз гузаштаи мардони шуҷоъ ва паҳлавониву диловарии онҳо ҳарфҳое гуфта, фарзандонро ба ватандорӣ талқин месозанд. Сипас, бо қиссаву афсонаҳо дар зеҳни онҳо нахустин фазилатҳоро бо панди ҷоннисорӣ дар ҳифзи марзу бум, эшонро ба ҷасорату мардонагӣ раҳнамун месозанд, вале дар тӯли умр худ ҳамеша чун мунодии сулҳ ва душмани ҷанг боқӣ мемонанд.

Муовини аввали раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ Мавсума Муинӣ бошад, аз афзудани сафи бонувон дар ниҳодҳои ҳарбӣ аз нақши занону бонувон дар корҳои тарғиботии миёни ҷавонон аз дастовардҳои бонувони варзишгар бо мисолҳои мушаххас таваҷҷуҳи ҳозиринро ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва зарурати ҳарчи бештари он дар ин замони ҳассос сухан гуфта, аз ҷумла ҳамкориҳои муштараки ин ду кумитаро судманд унвон кард.

Бахши дуюми ин ҳамоиши идона бо ширкати эҷодкори таронасаро ва хушзавқ Шоираи Раҳимҷон ва гурӯҳи овозхонҳои ҷавон аз ашъори ватандӯстонаи ӯ, хеле хотирмону диданӣ буд.

Ҳамчунин дар ин нишаст бонувони низомӣ аз ниҳодҳои дигари ҳарбӣ чун вазоратҳои мудофиа, корҳои дохила, Гвардияи миллӣ ва ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа бо дипломму сипосномаҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ қадргардиданд.

**А. ҲУРИННИСО**



# ТО БА НАВРӮЗИ ДИГАР МОРО РАСОН

**"Наврӯз нахустин рӯз аст фарвардинмоҳ ва замини ҷаҳон "рӯзи нав" ном гузоштаанд, ки пешини соли нав аст ва аввали рӯзест аз замон ва бад - ӯ фалак оғоз гаштан". Ин хулосаи ривоятест, ки Берунӣ дар "атш-Тафҳим" дар хусуси Наврӯз ба даст медиҳад, куҳанҷашне, ки ҳамзамон фарҳангу тамаддуни форсзабонҳост дар тӯли Қуруни тамаддунӣ чӣ огоҳи форсзабонони таҳти султони бегона будааст. Наврӯз ҷонмояе будааст, ки фарҳангии форсзабононро намояндагӣ мекардааст.**

**РЕШАҲОИ** Наврӯз аз сапедадами ҳаёти мо оғоз мешавад. Наврӯз фурсатест, ки ҳамагон рахти танро нав кунанд ва ҷомаи ҷонро низ аз олудагиҳову нопокиҳо бипироянд, ғубори кудуратро аз дилҳо пок кунанд ва бар сари ҳар суфрае сабзию сумбулу оинаву об ва ғайра намудҳои рӯишу покию сафоро сайқал диҳад.

Наврӯз аҷаб мавсимест, мавсими зудудани ғубори дилҳо, бастани умед ба пирӯзию комёбӣ, шодию сурур, мавсими дилбозӣ бо табиат ва бо ҳамдигар, мавсимест, ки инқилобро мемонад, на фақат иқболу навшавии табиат, балки тозагии рӯҳу равон, парвози андешаҳо, хаёлоти ширини зиндагӣ, дил додану дил рабурдан, қаламкашии рӯзғору айёми зиндагӣ. Наврӯз рӯзи эҳсоси тавоноӣ ва хушбахтист.

Наврӯз пайванди инсон ба табиат аст, зеро маҳз дар ҳамин айём табиат аз сахтиҳо нисбати инсон дар канор мешавад ва оғӯши худро дар қиболи ӯ боз мекунад. Дар тӯли сол инсон бо табиат дар набард аст, муқовимати онро инсон шикастан мехоҳад ва дар пайи он аст, ки худро аз сармою гармо ва хушкию сахтӣ, аз селу сӯхторҳои замин нигоҳ дорад ва ризқу рӯзиашро дарёбад. Вале дар Наврӯз гӯиё табиати саркаш сар ба инсон фуруд меорад, ба ӯ муҳаббату шафқатро раво мебинад. Инсон низ аз шафқати табиат ба ваҷд омада, ёду хотири худро аз кудуратҳо зудуда ва ба истиқболи файзи табиат мебарояд. Ҳатто аз камингоҳи худ, ки барои ҳифзи худаш ва гармову сармо сохта буд, берун мешавад. Наврӯз нишонаи ҳамгироии инсону табиат аст, ки табиат хамчун модар дар бағали гарми худ ба инсон ҷой медиҳад, ӯро ба оғӯш мегирад, ба ӯ тавону рӯҳи тоза мебахшад. Кас бовар мекунад, ки қуввату дармонаш то Наврӯзи дигар мерасад, бо орзуи он ки ӯро Наврӯзи дигар дар пеш аст, зинда мемонад ва ҳамин тавр тамоми умр ба поён нарасад.

Наврӯз соли нави тоҷикону тоҷикистонён мебошад. Мардуми тоҷик аз саршавии соли нав ба ҷашни шукӯҳманди 25-солагии баҳори истиқлолият омодагӣ мегирад. Ин умри ҷавон Тоҷикистони куҳанро сохтаву ба умеду орзуҳояш нерӯ мебахшад.

**Раҳматулло ФАЙЗЗОДА,** *корманди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*



# ЗИНДАГИИ ОРӢ АЗ МУҲАББАТ БЕРАНГ АСТ

## *ва ё чаро имрӯз на бӯе аз муҳаббату на нишоне аз садоқат мондааст?*

**Аслан таҳти мафҳуми калимаи муҳаббат мо тамоми хислатҳои неки инсонро дар назар дорем.**

**БАЪЗАН** одамон муҳаббатро байни ду шахс ё зиёда аз он ташреҳ медиҳанд, вале муҳаббат нисбат ба тамоми ашёи рӯи олам буда метавонад. Дар мавриди меҳр ва муҳаббат гуфтаҳо бисёранд. Шоирон дар борааш шеър эъҷод кардаанду нависандагон сухан суфтанд ва онро ба тасвир кашидаанд. Вале бо ҳамаи ин тавсифу таърифи калимаи муҳаббат, муҳтвои он рӯз то рӯз заиф мешавад. Мисли растание, ки дар об мегузоранду нахуст нумӯъ мекунад ва баъди чанд муддати дар он ҷо мондан, заиф шуда билохира хазон мешавад. Меҳр ва муҳаббат низ ҳамин гуна аст. Дар ҷомеаи имрӯз муҳаббат нисбат ба ҳамдигар кам шудааст. Дар ин марид суоле ба миён меояд, ки чаро меҳру муҳаббат заиф мегардад?

Олимон муайян карданд, ки имрӯз инсонҳо ба муҳаббат сахт мӯҳтоҷанд, зеро бемориҳое мавҷуданд, ки аз нарасидани меҳру муҳаббат бештар авҷ мегиранд. Ба монанди бемориҳои дил, асаб, ҷоғар, қанд, фишорбаландӣ ва ғайра, ки дар ҳоли ҳозир нафарони зиёде мубталои онҳоянд. Мувофиқи таҳқиқоти олимони равоншинос шахсони аз эҳсоси муҳаббат дурмонда одатан дағал ва берахм мешаванд. Масалан, кӯдаконе, ки муҳаббати падару модарро надидаанд, зудранҷ ва инкишофи қалбашон заиф аст. Заноне, ки аз муҳаббати шавҳар баҳраманд нестанд, асабҳояшон хаста буда, ҷанҷолӣ мешаванд ва ба мардҳое, ки муҳаббати зан намерасад, хотирпарешон ва рӯҳану ҷисман заиф мегарданд. Албатта, ин нишонаҳое буданд, ки зуд ба назар намоён мешаванд, вале бисёр норасоиҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки аз кофӣ набудани муҳаббат сар мезананд. Ҳамин тавр, бо чанд нафар шахсон доир ба сабаби заиф шудани муҳаббат суол кардем. Баъзеашон мушкилоти зиёди зиндагӣ ва ташвиши рӯзгорро сабаб меоварданд, баъзеи дигар замони имрӯзро гунаҳкор мекарданду бархеашон пешрафти босуръати технология ва информатсияро боис медонистанд. Шояд ҳар яки ин фикрҳо дар навбати худ дуруст бошанд, вале фикр намекунам, ки ин омилҳо боиси аз байн бурдани эҳсоси инсонияти гарданд. Муҳаббат ва самимият метавонад, ҳамаи инҳоро аз байн барад, вале дар акси ҳол он аз ҳақиқат дуртар аст. Пас мушкил дар куҷост? Мушкил дар худи одамон аст. На замон гунаҳкор, на мушкилоти зиндагӣ ва на пешрафти босуръати технология. Зеро ҳамаи инҳо дар дасти инсон ҳастанд, на инсон дар дасти онҳо. Чунонки Мавлоно мефармояд: "Аз худ биталаб, ҳар он чӣ хоҳӣ, ки туӣ". Ҳамин тавр муҳаббатро низ бояд одамон дар худашон бичӯянд.

Норасоии самимияту муҳаббат дар давлатҳои ғарб боиси ташвиш ва баҳсу мунозираи бисёриҳо гардидааст. Ин омилро яке аз бемориҳои хатарнок низ гӯем, иштибоҳ намекунем. Зеро он аллакай мардуми зиёдеро ба коми хеш фурӯ бурдаву мамлакатҳои гуногуни дунёро тасхир кардааст. Одамон аз бемеҳриву берахмӣ оворову саргардонанд.

Ҳанӯз аз давраҳои пеш шоирону мутафаккирони гузаштаи тоҷику форс аз байн рафтани меҳру садоқатро пешгӯӣ карда буданд. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ онро боиси ҳастии дунё мешуморад ва мегӯяд, ки "Ишқ асту муҳаббат асту боқӣ ҳама ҳеҷ". Яъне тамоми мавҷудоти зинда муҳтоҷи муҳаббатанд. Баъдан Ҳофиз хабари заъф гаштани онро дар ғазали машҳураш: "Ин чӣ шӯрест ..." ба тасреҳ оварда буд. Ҳамин тавр устод Мирзо Турсунзода аллакай аз ҷустуҷӯ кардани дӯстиву муҳаббат ҳарф зада, аз камбуди он дар шеъри: "Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо ..." дарак дод. Албатта, нуктаҳое, ки дар ин шеърҳо зикр гардидаанд, имрӯз ба таври куллӣ ҳувайдо гашта истода-



анд. Гарчанде ки дар давлатҳои Ғарб аллакай ҷорӣ гардидаанд, вале Шарқ каму беш онро зоҳиран ҳам бошад, пешгирӣ дорад.

Мардуми тоҷик аз давраҳои пеш бо меҳру садоқат буданд. Нишонаҳои муҳаббату самимияти онҳо ҳанӯз дар байни сокинони кӯҳистон ва умуман деҳот ба хубӣ аён аст. Самимияту муҳаббати онҳо хориҷиёнро, ки меҳмони хонадонашон мегарданд, ба тааҷҷуб меорад. Муносибати меҳромези байни оила, ҳамсоя, хешу табор дар байни тоҷикон боис мешавад, ки меҳмонони хориҷӣ орзуи зиндагӣ кардан дар ин муҳитро дошта бошанд. Арҷ гузоштани писар ба падар, эҳтироми духтар нисбат ба модар ва дӯстдории оила аз якдигар онҳоро ба ваҷд меоранд. Зеро чунин садоқату самимиятро онҳо солҳои зиёдест, ки аз даст додаанд. Иттифоқан, як этнографи хориҷӣ ин одатҳои тоҷиконро "Гавҳари камёб" гуфта буд. Ва илова кард, ки сулҳдӯстдор будани тоҷикон аз самимият ва муҳаббат доштани онҳо нисбат ба ҳамдигар сарчашма мегирад,вале...

Имрӯзҳо коста гардидан ва набудани муҳаббату самимият дар ҷомеаи мо низ ба назар мерасад. Нафарони зиёдеро вохӯрдан мумкин аст, ки шикоят аз бемеҳрӣ доранд. Махсусан, дар байни ҷавондухтарон ин шикоят ба авҷи аъло расидааст. Онҳо гила аз он доранд, ки ҷавонписарони имрӯза зудранҷанду бо як иштибоҳи ночизе " Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре"- гуфта дасти онҳоро сар медиҳанд. Ёд дорам, ҳар боре, ки ба аёдати модаркалонам мерафтам, баъд аз ҳолпурсӣ, сухан аз муҳаббату садоқат шурӯъ мегардид. Он кас давронҳи "тиллоӣ" будани замони худашонро гаштаву баргашта таъкид мекарданду ҳамзамон рӯзгори имрӯзаро зери тозиёнаи танқид мегирифтанд. Қиссаҳои давраи ҷавонияш поён надоштанд. Чунон бо шавқу ҳавас ҳарф мезад, ки банда прототипи ӯ буданамро орзу мекардам. Вале прототипе, ки шояд лаҳзае ҳам образ офарида натавонад. Ҳатто муҳити гирду атроф ҳам намемонад, ки дар хаёл ва ҳавои муҳаббату садоқат бошем ва дақиқае ҳам бошад, дар дунё ва образи онҳо хешро тасаввур кунем. Лаҳзаи авҷи воқеаи модаркалонам дар мавриди муҳаббати нисбати ӯ доштаи бобоям буд. Ӯ ин лаҳзаро бо ҳаяҷон қисса мекард.

- Бобоят сахт ошиқам буд. Роҳе, ки бояд мактаб мерафтам, аз пеши хонаи ӯ мегузашт. Ӯ ҳар саҳар роҳи маро поида меистод, то маро бубинад. Мо бо ҳам ягон ҳарфе намезадем, фақат аз нигоҳҳояш пай мебурдам, ки ӯ маро дӯст медорад. Гарчанде ки хостгорҳояш чанд маротиба ҷавоби рад гирифта бошанд ҳам, вале ӯ ҳамоно умедашро аз ман намеканд. Ва дар охир бо самимӣ буданаш тавонист дили волидайни маро ба даст орду бо ман хонадор шавад. Вале имрӯз чӣ? Духтарҳо ҷойи бачаҳо ва бачаҳо ҷои духтарон гузаштагӣ барин- мегуфт модаркалонам...

Албатта, ин намуна танҳо аз муҳаббати ошиқу маъшуқ гуфта шуд. Вале муҳаббат паҳлуҳои зиёди ҳаёти инсонро дар бар мегирад. Пас агар дар байни насли наврас ва ҷавонон камбуду норасоии меҳру шафқат дида шавад, рӯзе мерасад, ки мо низ онро аз даст медиҳем ва ягон дилбастагие байни мардум боқӣ нахоҳад монд. Бинобар ин, ҳар як оилае, ки бунёд мешавад, бояд дар пояи ишқу муҳаббат ва самимият бошад. Падару модар вазифадоранд, ки ба фарзандонашон бо муҳаббат рафтор кунанд, то решаи он мустаҳкам гардад. Ҳар як падару модар бояд самимӣ будан, меҳру муҳаббат доштан, на фақат байни ҳам, балки ба ҷомеаи гирду атрофро ба фарзандони хеш биёмӯзанд. Зеро инсонҳо новобаста аз оне, ки дар кадом вазъият қарор доранд, ҳамеша ба муҳаббат доштани дигарон нисбати худашон муҳтоҷанд. Мувофиқи гуфтаҳои равоншиносон ҳар як шахс бояд дар як рӯз на кам аз 10 ҷумлаи самимона ва меҳромез шунавад ва ин боис мегардад, ки шахс тамоми рӯз болидахотир ва рӯҳбаланд бошад. Вале ин ҳама дар ҳолест, ки ҷомеаи имрӯз сухани муҳаббатомез як сӯ истад, бештарашон фақат ба таҳқиру киноя ҳамдигар ба сар мебаранд. Кам ҳастанд нафароне, ки меҳрашонро нисбати дигарон изҳор карда тавонанд. Бинобар ин, бояд кӯшиш кард, то решаи муҳаббат мустаҳкам шавад ва ҷомеа тавонад дар сулҳу салоҳ зиндагӣ кунанд. Ва ин ҳама ба нафъи ваҳдату ҳамдилӣ хоҳад буд.

**Гулҳаёи МАДИМАР**



# Усули эътирофнашудаи Бутейко

### ва ё бардоште аз мусоҳиба бо бемороне, ки бо ин усул шифо ёфтаанд




*Ҳар ибтикори нав дар огоз ба зиддияти сангин мувоҷеҳ мешавад. Шояд табиати инсон ҳамин бошад, ки ба чизи урфӣ ва суннатӣ сахт меҳр мебандад ва падидаи нав бо ҳама бартарияш барояш чизи бегона аст ва онро ба ҳеҷ ваҷҳ қабул надорад. Вале як чиз мусаллам аст, ки бидуни навоварӣ ва таҳаввулот дар илму афкор пешравии ҷомеа ғайриимкон аст. Бахусус имрӯз, дар замони рушди бесобиқаи технологияҳои инноватсионӣ, ки ҳар дақиқа чизи наве ихтироъ мешавад ва ҷои чизи кӯҳнаро мегирад…*

**АГАР** мо ба таърихи миллати худ назар афканем дарк мекунем, ки баъзе амалдорону рӯҳониёни сарсахт то кадом андоза рӯзгори олимон ва ихтироъкоронеро, ки баъдтар офаридаҳояшон барои рушду пешравии тамаддуни ҷаҳонӣ хизмати хеле назаррас анҷом додаанд, талх кардаанд. Ҳаёти бузургоне мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Берунӣ, Розӣ ва Камоли Хуҷандиро ба хотир овардан кифоя аст, ки якеро дар чашм мил кашидаву дигареро кофар эълон кардаанд ва саввумӣ дур аз Ватан дар ғурбату муфлисӣ пораи хишт зери сар ҷон ба Ҳақ таслим кардааст…

Вале қаҳрамони мақолаи банда аз табори бузургоне нест, ки шояд дар риштаи илм кори ҷаҳониеро анҷом дода бошад. Балки як табиби оддист, ки меҳоҳад бо усули нав, яъне бидуни истеъмоли доруи зиёд маризонро табобат кунад. Дар бораи ӯ қабл аз ман ҳам дар рӯзномаҳо мақолаҳои зиёд навиштаанд ва дар шабакаҳои мухталифи телевизионии кишвар барномаҳо пахш кардаанд. Аммо ҳеҷ не, ки мушкилаш осон шавад... Чаро?

- Барои он ки ин усули табобат комилан аз усули табобати тибби суннативу замонавӣ тафовут дорад,- мегӯяд ҳамсуҳбати ман Мирзоқурбон Ҳамдамов. Бубинед, ки имрӯз дар ҳар як шаҳру навоҳии кишвари мо садҳо дорухонаҳо амал мекунанд. Гардиши рӯзмарраи фурӯши дору ба миллионҳо сомонӣ мерасад. Агар ин доруҳо фоида мекарданд оё кори доруфурӯшон рӯз то рӯз ривоҷ меёфт? На!

Пас Шумо чӣ пешниҳод доред?- мепурсам аз ӯ. Ӯ ишораҷро (указка) гирифта назди лавҳае меравад, ки дар он рақамҳои барои ман номаълум сабт шудаанд: - Усуле, ки пешниҳод мекунам, ихтирои ман нест, балки методи профессор Константин Павлович Бутейко аст, ки имрӯз дар кишварҳои мисли Британияи Кабир, Фаронса, Олмон, Русия ва ҳатто Чин, ки бо тибби суннатии худ ифтихор дорад, маъмул аст. Имрӯз дар Британияи Кабир аз рӯи ин усул мутахассис тайёр мекунанд. Муаллифи ин усул профессор Бутейко собит намудааст, ки усули дурусти нафаскашӣ дар организми инсон таносуби кислород ва гази карбонро ба танзим медарорад. Яъне кислород бояд 4-4,5% ва гази карбон 6-6,5 % бошад. Бубинед, ки саг дар як дақиқа 40 маротиба, инсон 15-17 маротиба ва сангпушт 1-3 маротиба нафас мекашанд. Мутаносибан саг 20 сол, инсон 70-80 сол ва сангпушт то 500 сол умр мебинад. Вақти зуд-зуд ва ё чуқур нафас кашидан мо гази карбонро аз бадан хориҷ мекунем, ки ба ихтилоҷи рагҳои хунгард (спазма) ва нарасидани кислород сабаб мегардад.

Мирзоқурбон Ҳамдамов табиби соҳибдиплом аст, солҳои тӯлонӣ дар бемористонҳои шаҳри Хуҷанд фаъолият намудааст. Ӯ нақл мекунад, ки ҳангоми табобати беморон ҳолатҳоеро муоина менамуд, ки ёфтани илоҷи он дар тиби муосир ғайриимкон буд. Ӯ ба суолҳои худ пайваста посух меҷуст, вале бенатиҷа. Тасодуфан мақолаеро дар бораи фаъолияти К.П. Бутейко дар рӯзнома мехонад ва бо ин шахси шинохта дар тамос мешавад. Бутейко ба суолҳои ӯ посухи дуруст медиҳад ва ӯро барои таҳсил ба шаҳри Новосибирск даъват мекунад. Ҳамин тавр соли 1983 баъд аз мулоқот бо Константин Павлович Бутейко тасаввуроташ дар мавриди усулҳои табобати муосир комилан тағйир меёбад. Мирзоқурбон Ҳамдамов имрӯз дар кишвари мо ягона табиб аст, ки барои бо усули Бутейкои машҳур табобат кардан иҷозатнома дорад.

Ба Маркази эҳёи солимии "Ҳамдам" ворид мешавам. Маркази мазкур дар як гӯшаи шаҳри Хуҷанд, дар назди бозори ба истилоҳи мардум "микрорайони 34" дар бинои якошёна воқеъ буда аз чанд утоқи корӣ иборат аст. Дар утоқи кории роҳбари марказ чеҳраҳои ошноро мебинам, ки дар байни онҳо табиби шинохта Муллозуҳур Тоҳирӣ низ нишастааст.

Ман бо усули табобати Мирзоқурбон Ҳамдамов солҳои тӯлонист, ки шинос ҳастам,- мегӯяд доктор Тоҳирӣ. Ин усул дар кишварҳои дигар, аз ҷумла Русия хеле машҳур аст, вале чаро, ки дар кишвари мо ба он таваҷҷуҳ надоранд. Бо ин кас суҳбат кунед, нависед шояд баъд аз мақолаи Шумо масъулини соҳа ба фаъолияти ӯ каме эътибор диҳанд.




- Бо худи беморон, ки дар ин марказ табобат ёфтаанд, мусоҳиб шаванд, беҳтар аст,- хоҳиши ӯро рад мекунад мизбон. Ин пешниҳод ба камина низ хуш омад. Ҳар кас метавонад кори худ баҳо диҳад, вале агар дигарон баҳо диҳанд ҳароина ба воқеият наздиктар аст.

Ба толори хеле кӯчак мегузарем, ки тақрибан 20 ҷои нишаст дорад. Дар он ҷо чанд нафар марду занро мебинам, ки аз шаҳру навоҳии гуногуни вилоят ташриф овардаанд. Мирзоқурбон Ҳамдамов эшонро ба ихтиёри ман мегузораду оҳиста аз толор берун мешавад.

Дар болои миз "таърихчаи тиббӣ"-и чанд нафар бемор. Якяк варақ мезанам. Ғолибан таърихи бемориҳое сабт шудаанд, ки музмин (хронический) буда, аз назари тибби муосир табобати пурраи онҳо ғайриимкон аст ва бояд ба таври ҳамешагӣ таҳти назорати табибон бошанд.

Бо беморон суҳбат мекунам. Бештари онҳо дар гузашта гирифтори бемориҳои вазнин буда, аз илоҷи дардашон ноумед шудаанд. Ҳама ба хотири мулоқот бо банда аз шаҳру навоҳии мухталифи вилоят, аз ҷумла Конибодом, Истаравшан, Ҷаббор Расулов омадаанд. Пешорӯи ман Бурҳонов Пӯлод, мӯйсафеди нуронии тақрибан 80-солае нишастааст, ки дар чеҳраш асари беморӣ мушоҳида намешавад. Вале, -мегӯяд ӯ,- агар 25 сол қабл аҳволи маро медидед, бовар намекардед, ки ин қадар умри бобаракат мебинам. Вазъам комилан хароб буд, бемориҳои қалб, ҷигар, меъда ва аз ҳама даҳшатовараш диққи нафас маро лаҳзае ором намегузошт. Аз зиёд дар бемористонҳо табобат гирифтан ҳатто роҳи хонаро фаромӯш карда будам. Ҳар лаҳза каф-каф дору истеъмол мекардам. Ба табобати бидуни истеъмоли дору бовар намекардам. Вале маҷбур шудам, ки ба Мирзоқурбон муроҷиат кунам. Бовар кунед, баъд аз бист рӯзи табобат ҳатто фаромӯш кардам, ки дору чист...

-Баъд аз табобат ёфтанам дар маркази табобатии "Ҳамдам" ҳамсарам ба ман гуфт, ки чанде пеш аз сиҳатшавии ту умедамро канда, бо маслиҳати мӯйсафедон тӯшаи охирататро омода карда будем, - нақл мекунад А. Ҳамроқулов.

-Ман бошам, комилан аз зиндагӣ умедамро канда будам, -ба суҳбат ҳамроҳ мешавад Абдуллоев Ёқубҷони 29-сола. Ман ба бемории норасоии музмини гурда гирифтор будам. Чанд муддат дар Паҷӯҳишгоҳи гастроэнтерологӣ бистарӣ будам. Баъд аз ташхиси ҳамаҷониба табибон ба хулосае омаданд, ки ба ҷуз иваз кардани гурдаҳо дигар чора нест. Вале ман агар хонаву дари худро фурӯшам ҳам, маблағи зарурию пайдо карда наметавонистам. Бо маслиҳати дӯстон ба Маркази саломатии "Ҳамдам" муроҷиат намудам. Инак беш аз як сол аст, ки дар ин ҷо табобат мегирам ва дигар аз диализ (тоза кардани хун аз заҳролудшавӣ) даст кашида, миқдори истеъмоли доруро низ бамаротиб кам кардаам.

Сарнавишти дигарон, мисли Фозилова Бисаноат, Амонов Адҳам, Ғафурова Гулчеҳра, ки дар маркази мазкур шифо ёфтаанд, низ ҳамин тавр аст.

- Дархости ягонаи мо аз шумо журналистон танҳо ҳамин аст, ки ба Мирзоқурбон Ҳамдамов кӯмак расонед, кори ӯро таблиғ кунед, то дигарон низ бохабар шаванду мисли мо аз беморӣ наҷот ёбанд, -вақти хайрухуш хоҳиш мекунанд наҷотёфтагон.

Чаро чунин "артиш"-и бузург (ба собиқ муштариёни ӯ ишора мекунам) дореду аз онҳо истифода намекунед?- шӯхиомез мепурсам аз табиб. Ӯ маҳзунона табассум мекунад: - Ман борҳо таърихчаи тиббии онҳоро ба шуъбаҳои дахлдори Вазорати тандурустӣ, Раёсати тандурустии вилоят пешниҳод кардам. Ҳатто борҳо ба роҳбарон ва кураторони соҳа аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳри Хуҷанд муроҷиат кардам, вале ҳеҷ натиҷа надод... Ман фолбин ё ба истилоҳи дигар экстрасенс нестам,- ба дард мегӯяд ӯ.- Балки ягона табиби соҳибдипломи тоҷикам, ки дар мактаби Константин Бутейко таҳсил гирифтаам. Бубинед, ки муроҷиатҳои маро дар тамоми сатҳҳо нодида гирифтанд. Ниҳоят маҷбур шудам аз ниҳодҳои масъули соҳаи тибби кишвар хоҳиш кунам, ки даҳ беморро, ки дарди музмин доранд, ба ихтиёри ман гузоранд ва даҳ нафари дигарро ба ихтиёри яке аз бемористонҳои пешрафтаи вилоят супоранд. Комиссияи босалоҳияте таъсис диҳанду воқеъбинона санҷанд, ки усули табобатии Бутейко манфиатовар аст ва ё хайр. Вале сад афсӯс, ки ҳатто ин пешниҳоди маро низ қабул накарданд.

Мирзоқурбон Ҳамдамов барои тарвиҷи ин усули замони Шуравӣ, аз мақомот маблағ ё бино намепурсад. Барои ӯ ҳамин чиз кофист, ки ҷиҳати бунёди маркази нав, ки имконияти қабули бештари беморон ва ҷалбу тарбияи мутахассисони ҷавонро дорад, қитъаи замин ҷудо кунанд. Барои беморони илоҷнаёфта, ки аз зиндагӣ дасту дил шустаанд, як равзанаи умед боз кунанд.

Гаштаву баргашта ба худ суол медиҳам, ки чаро як хоҳиши хеле хоксоронаи ягона шогирди Бутейкои машҳур дар кишвари мо, ки ҳадафаш хизмати мардуми оддист, ҷавоби рад мегирад? Шояд иллат дар он бошад, ки агар ин усул ба таври густурда паҳн шавад, тиҷорати баъзе табибону ширкатҳои доруфурӯшӣ зарар бинад.

Ҳароина итминон дорам, ки ин сатрҳоро масъулини соҳаи тандурустӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд мутолиа мекунанд ва дар ҳалли ин қазияи печида иқдоме нишон медиҳанд…

**Бахтиёр ҲАМДАМ**

**"Агар рӯзнома намебуд, ҳаёти мо инсонҳо чӣ тавр мегузашт?" Атрофи ин савол андеша карда, таъкидҳои устодон ба ёдам омад: "Ҳаёти бе фарҳанг - саросар ваҳшигист". Ин замон аз дилам гузашт: "Модоме, ки рӯзнома як шохаи асосии фарҳанг аст, пас ҳаёти инсонӣ бе рӯзнома ҳам ваҳшигӣ мебуд". Аз ин андеша чанд мазмуни мантиқӣ бардоштам: "Инсон бе ғизои маънавӣ, ки аз панҷ чор ҳиссаи мавҷудияташ аст, инсон буда наметавонад". "Инсоне, ки ҷаҳонбинӣ ва дарки сиёсии жарф надорад, инсони комил ҳисоб намешавад". Баъди ин, ба хулоса омадам: "Инсон ин чизҳоро аз рӯзномаҳо ҳам мегирад". Ин замон вуҷудамро саволҳои дигар фаро гирифтанд: "Рӯзномаҳо барои шахсан худам чӣ нақше доштанду доранд?" "Шахсан худам барои рангорангу пурмазмун шудани рӯзномаҳо чӣ саҳме гузоштаам?" "Имрӯзҳо рӯзномаҳоро чӣ тавр мефаҳмаму онҳоро чӣ тавр дидан мехоҳам?" Нигоштаҳои зер атрофи ҳамин масъалаҳоянд.**

# САРБОЗОНИ ҲОКИМИЯТИ ЧОРУМ

**ИМРӮЗ** бо ақли қариб 70- солаи хеш дарк мекунам, ки мо бачагону ҷавонони солҳои 60 - 70-уми қарни гузашта маҳз бо рӯзномаҳо калон шудем, рӯҳу ғизои маънавиро аз онҳо гирифта, роҳу равиш ва мақсаду маромҳои асосии зиндагиро аз онҳо омӯхтем. Яъне, дар он замон рӯзномаҳо яке аз воситаҳои асоситарини тарбияи ғоявии мо буданд. Аз ин рӯ онҳоро бо шавқу рағбати зиёд мехондему бо онҳо ҳамкорӣ мекардем. Шахсан барои ман ҳамкорӣ бо рӯзномаҳо, ҳанӯз аз солҳои мактабхонию ҷавониам шуғли дӯстдоштатарин буд ва шукр, ки то кунун ин шавқу завқам пир нагаштааст.

Он замонҳо рӯзномаҳо муаллифони ғайриштатиро "чашму гӯшҳои" худ дар маҳалҳо медонистанд. Албатта, ин бе сабаб набуд. Зеро на ҳамаи рӯзномаҳо имконият доштанд, ки мухбирони штатии худро (шояд бо сабаби камӣ) ба ҳар кунҷу канори ҷумҳурӣ, алалхусус ба деҳаҳои дурдаст фиристонанду мавод ҷамъ намояд. Воқеан, мо хабарнигорони бевосита дар маҳалҳо зиндагикунанда ҳамин гуна мақомро доштем ва рӯзномаҳо аз ҳамкориамон самаранок баҳра мебурданд. Ба хотири самараи боз ҳам бештар гирифтан масъулини рӯзномаҳо (масалан, "Тоҷикистони Советӣ", "Комсомоли Тоҷикистон" ва "Коммунисти Қӯрғонтеппа") мо "чашму гӯшҳояшон"-ро моҳе як маротиба ҷамъ намуда, маслиҳатҳо медоданд, доираи мавзӯъҳои асосиро муайян карда, ҳатто аз рӯйи мавзӯъҳои мушаххас дархостҳо мекарданд.

Камина яке аз мухбирони фаъоли деҳот будам. Дар ин бора дар чанде ҷамъомадҳо фаъолиятамро қайд карда ва ҳатто бахшида ба Рӯзи матбуот ба васфам мақолае ҳам ба табъ расонида буданд. Шояд андаке муваффақияти ман он буд, ки талаботи замонро хубтар дарк мекардам ва бештар маводҳои рӯзмарра менавиштам. Масалан, дар он замон ба тарзи зиндагии советӣ аҳамияти хеле ҷиддӣ медоданд. Бинобар ин, таҳти унвони "Оилаи хушбахт" як мавод навишта, пешкаши "Коммунисти Қӯрғонтеппа" гардонидам. Баъдтар маълум гашт, ки ҳайати таҳририяи рӯзнома онро дар "летучка"-и худ баҳои баланд додаанд. Ҳамин буд, ки 12 январи соли 1978 он маводро таҳти унвони (рубрикаи) "Тарзи зиндагии Советӣ" бо сарлавҳаи "Оилаи хушбахт" ба табъ расониданд. (№ 6 аз 12 январи соли 1978). Барои камина боиси ифтихор буд, ки тавассути ҳамин нигоштаам дар рӯзнома гӯшаи наве бо унвони "ТАРЗИ ЗИНДАГИИ СОВЕТӢ" ташкил гардид.

Ҳамин гуна маводҳоеро, ки ба беҳии зиндагии мардум, ба рушду равнақи анъанаҳои миллӣ, қоидаҳои шаҳрдорию шаҳрнишинӣ, тарзи рафтору кирдор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, посдории хотири ниёгон ва зиндагардонии номи онҳо дахл доштанд, на танҳо барои "Коммунисти Қӯрғонтеппа", балки барои рӯзномаҳои дигар ҳам менавиштам. Ёд надорам, ки ягонто аз чунин нигоштаҳоям дар ягон рӯзномае ба нашр нарасида бошанд.

Он замонҳо рӯзномаҳо дар маҷмӯъ маводҳои танқидӣ бисёр чоп мекарданд, аз ҷумла нигоштаҳои мо мухбирони ғайриштатии деҳотро ҳам. Лекин, ҳама гуна танқидҳо хайрхоҳонаю созанда буданд. Ягон танқидро танҳо ба хотири танқид нашр наменамуданд. Дар он замон сухан, махсусан сухани танқидӣ арзиши баланд дошт ва бисёр қимат арзёбӣ мешуд. Сухани танқидӣ таъсири сахту созанда дошт. Мақолаҳои танқидӣ на танҳо дар коллективҳои меҳнатии ташкилоту муассисаҳо, корхонаю идораҳо ва колхозу совхозҳои мавриди танқид қарор гирифта, балки дар коллективҳои меҳнатии дигар ҳам муҳокима мешуданд. Мақсад он буд, ки камбудиҳои дар мақола омада, бояд дар сохторҳои дигар набошанд ва агар бошанд, ҳатман ислоҳ шаванд. Ба ҷуз ин, маводҳои танқидиро дар Кумитаҳои ҳизбии шаҳру ноҳияҳо ва Кумитаи Марказии ҳизбӣ коммунист, ки зимоми давлату давлатдориро пурра ба дӯш дошт, муҳокима мекарданд. Дар муҳокимаронҳо бо маънои томи ибора "муй аз хамир ҷудо мегардид" ва гунаҳкорон сазовори муҷозот мешуданд. Роҳбарони сохторҳои зери тозиёнаи танқид қарор гирифта, оид ба чораҳои андешидаашон ва бартараф шудани камбудиҳо ҳатман ба рӯзнома, ба Кумитаҳои ҳизбии маҳаллию марказӣ ҳисоботи расмӣ пешниҳод мекарданд. Рӯзномаҳо ваколате доштанд, ки дурустӣ ва ҳаққонияти он ҳисоботро аз нав бисанҷанд ва натиҷаашро такроран дарҷ намоянд. Ана, бо ҳамин сабабҳо дар он замон нуфузи рӯзномаю рӯзноманигор бисёр баланд буд. Мутаассифона, дар замони ҳозира чунин нест, ки ин боис мешавад ба зарарбинии моддию маънавии ҳам халқу ҳам давлат.



Ин гуфтаҳо аз нигоҳи имрӯза шояд барои нафаре шабеҳи афсонаи дилангез бошад. Вале, ҳақиқатанд.

Қариб дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон матбуотро чун ҳукумати чорум эътироф мекунанд, аз имконияту афзалияташ чун воситаи муҳими зимомдорӣ самаранок истифода мебаранд. Мутаассифона дар мо на ҳамеша чунин аст. Зарур, ки ба ҳамаи рӯзномаҳо, махсусан рӯзномаҳои маҳаллӣ ва озод аз паси панҷа нанигаранд. Дар акси ҳол дурри мақсуд ба даст намеояд ва рӯзномаҳо рисолати азалии хешро то андозае,  иҷро карда наметавонанд.

Ҳамагон медонанд, ки маънии вожаи "рӯзнома", "номаи рӯз" аст. Мутаассифона, на ҳамаи "номаҳои рӯз" дар замони мо хубу ҷолибу хонданианд. Рӯзномаи хубу хонданӣ чун номаест, ки одамон онро ҳар рӯз интизор мешаванд, дастрас, ки шуд, бо иштиёқ мехонанд, дар он худро, ҳамсояву рафиқу ҳамкорашонро мешиносанд. Он чун як номаи хонданӣ аз даст ба даст мегузарад, аз варақзанию варақгардонӣ чиркину фарсуда мешавад ва ҳатто медарад. Орзу дорам, ки ҳамаи рӯзномаҳо ҳамеша бо ҳамин тарз бидаранд.

**Ҳасан Юсуфи ФАЙЗБАХШ**

# РИСОЛАТИ МАТБУОТ СОЗАНДАГИСТ

**"Матбуот ва даврони истиқлолият", чунин номгузорӣ шуда буд, семинар - машварати илмие, ки бо ибтикори кафедраи рӯзноманигории факултаи театрӣ - бадеии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи Мирзо Турсунзода санаи 4 март доир гардид.**

**НОМЗАДИ илмҳои филологӣ, мудири кафедра Гавҳар Умарова дар маросими ифтитоҳи чорабинӣ саҳми матбуотро дар пешрафти ҳаёти ҷомеа зикр сохта, аз ҷумла таъкид намуд, ки матбуот дар ҳама давру замон инъикосгари ҳаёти ҷомеа ва раванди воқеаву рӯйдодҳои зиндагӣ буд ва аминам, ки боқӣ мемонад. Ва зарур аст, ки  рисолати матбуот бояд  созанда бошад, на сӯзанда.**

**ВАО дар замони соҳибистиқлолии кишвар мақому манзалати нав ба худ касб карда, дастовардҳои замони соҳибистиқлолии Ватани маҳбубамонро ҳаматарафа инъикос месозанд.  Рӯзноманигорон  дар таҳкими Ваҳдати миллӣ ва ташаккули хештаншиносиву ватандӯстӣ ва огаҳсозии мардуми кишвар аз таърихи куҳани мо саҳми сазовор дошта, зарур аст, ки аҳли қалам барои тарбияи хештаншиносии насли наврас диққати зарурӣ равона созанд.**

**Мавзӯъҳое, ки имрӯз аз ҷониби устодону аспирантҳо ва донишҷӯён пешкаши иштирокчиён гардонида мешавад, ба истиқлоли Ватан ва саҳми ҷавонон дар пешрафти ҷомеаи навини кишвар бахшида шудаанд.**

**Дар машварати илмӣ адиб, драматурги шинохта  Ато Ҳамдам дар мавзӯи "Нақши рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон дар тарбияи ҷавонон", номзади илмҳои филологӣ З. Мӯъминҷонов оид ба "Шаклгирии журналистикаи телевизион дар замони соҳибистиқлолӣ", Г.Умарова дар мавзӯи "Фикри рост ва ҳаракати дуруст", Х.Беков дар мавзӯи "Нақши радиои тоҷик дар амалӣ гаштани Ваҳдати миллӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ" маърӯзаҳои ҷолиб намуданд.**

**Қатори устодон аспиранту донишҷӯён дар мавзӯъҳои "Бухорои шариф" ва аҳамияти он", "Се марҳилаи рушди матбуоти тоҷик дар солҳои 1917-1919", "Нахустин рӯзномаҳо бо забони тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ", "Нақши матбуот дар тарбияи насли наврас" ва чандин мавзӯъҳои дигар маъӯрза намуданд.**

**Ноиби ректор оид ба илм Раҷабмад Амиров баргузории чорабиниро василаи муҳим дар роҳнамоии донишҷӯён бобати саҳмгузорӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ  маънидод намуда, хулоса кард, ки матбуотро дар замони шӯравӣ "ҳукумати чаҳорум" мегуфтанд, ки ин мақол имрӯз ҳам моҳияту аҳамияти худро гум накардааст. Алалхусус вай бо навиштаҳои худ метавонад барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ хеле хуб мусоидат намояд.**

**Семинар машварат, ки ба истиқболи 25 -солагии Истиқлолият ва 105-солагии таҷлили ҷашни матбуоти тоҷик баргузор гардид, ба ғанӣ гардидани ҷаҳонбинии донишҷӯён ёрии амалӣ расонида тавонист. Зеро  рисолати азалии ВАО ин созандагист.  Вай тамоми воқеаву рӯйдод, дастоварду муваффақиятро бояд ба таври воқеӣ инъикос намояд. Хабарнигор бояд ҳатто танқидро ба умеди ислоҳаш  нависад.**

**Суғдмеҳри МАЪРУФЗОД,**
***аспирант***

**Ба идораи бонуфузе корафтода шудаму дар қабулгоҳ сарварашро интизор будам. Ҷавоне дар компютер матнеро мечид ва бо дигаре баҳс дошт. Аз баҳсашон фаҳмидам, ки ҳар ду дар таҳияи як матни оддӣ, ки аз ду ҷумла иборат аст, оҷиз буданд. Тоқат накардаму бо иҷозаташон паси компютер нишастам ва дақиқае пас матн омода шуд. Аз ҷавонҳо суол кардам, ки дар куҷо таҳсил кардаанду ба чӣ кор машғуланд. Ҳарду донишҷӯи соли охир буданду дар ин идораи бонуфуз коромӯзӣ мекарданд.**



# БАҲОИ ХОНАНДА, «БАҲО»-и УСТОД АСТ

**ҚАБЛАН** низ зиёд ба чунин донишҷӯёну мутахассисон вохӯрда будам, ки дар иншои матлаби оддие азоб мекашиданд ва худро тасаллӣ медоданд, ки филолог ё омӯзгори забону адабиёт нестанд. Гӯиё забони модарӣ танҳо забони модарии филологҳо ва омӯзгорон бошад.

Яқин аст, ки пояи саводи онҳо дар мактаб суст буда, дар мактаби олӣ низ таълими забони модарӣ дар сатҳи зарурӣ нест. Зимнан, мактаби олӣ ба донишҷӯ илм, касб бояд биёмӯзад, на хондану навиштан!

Вақте донишҷӯ, ба навъе табақаи аз нигоҳи маънавиёт пешрафтаи ҷомеа саводи навиштан надорад, аз диктанти забони модарӣ баҳои ғайриқаноатбахш мегирад, оё ӯ фардо мутахассиси хуб мешавад?

Ҷиддӣ мегӯям, намешавад!

Оё сатҳи саводи гуфтору навиштори мутахассисони оянда баланд аст? Албатта, ҳастанд донишҷӯёне, ки саводи хуб доранд, дар озмунҳои байналмилалӣ иштирок менамоянд, матлаби хубу хонданӣ ҳам менависанд. Баробари ин, дар маҷмӯъ наметавон нисбати аглаби онҳо чунин баҳо дод.

Ба ин хулоса вақте ба натиҷаи санҷиши Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар макотиби олии шаҳри Душанбе шинос шудам, расидам.

Моҳҳои октябр-ноябри соли гузашта Кумита иҷрои муқаррароти қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2014" - ро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурӣ аз 30 июни соли 2012, №335 тасдиқ шудааст, дар донишгоҳу донишкадаҳои шаҳри Душанбе мавриди санҷиш қарор додааст.

Дар гузориши Кумита аз натиҷаи санҷиш арқоми зер боиси мулоҳизаи ҷиддӣ ҷиҳати усули таълими забони давлатӣ дар макотиби таҳсилоти умумӣ, миёна ва олӣ аст.

Таваҷҷӯҳ намоед: ... "Натиҷаи диктанти саводнокӣ аз забони тоҷикӣ, ки аз ҷониби гурӯҳи корӣ ҳангоми санҷиш аз донишҷӯён гирифта шуд, ошкор намуд, ки аксари донишҷӯён озодона аз рӯи ихтисос фикри худро бо забони давлатӣ баён карда наметавонанд, қоидаҳои имло ва меъёрҳои забони адабии тоҷикиро риоя наменамоянд, инчунин истилоҳҳои соҳаи худро ба забони тоҷикӣ хуб дарк намекунанд. Таҳлилҳо нашон доданд, ки аз 493 нафаре, ки диктанти санҷишӣ навиштанд, 373 нафар баҳои ғайриқаноатбахш, 73 нафар қаноатбахш, 35 нафар баҳои хуб ва 13 нафар баҳои аъло гирифтанд".

Оё инро сода гирифта мешавад? Бонги хатар бояд зад! Чӣ тавр шуда, ки баъди даҳ сол таълими забону адабиёти тоҷик дар мактаби таҳсилоти миёна, тарбия дар муҳити хонаводагӣ, ки тоҷикист, таълими забони давлатӣ дар ҳама ихтисосҳои макотиби олӣ, 76 дарсади донишҷӯёне, ки диктанти санҷишӣ навиштанд, баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд? Ин баҳои танҳо донишҷӯён нест, баҳои мактабҳои миёна, баҳои волидон, баҳои усулу сифати таълим, билохира баҳои Вазорати маориф ва илм дар роҳбурди таълими забони давлатӣ аст.

Дар донишгоҳи рақами яки мамлакат - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 80 дарсади ба диктанти санҷишӣ фарогирифташудагон, Донишгоҳи молия ва иқтисод, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, Бахши Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии "МИС и С", Донишгоҳи исломӣ-100 дарсад, Донишгоҳи тарбияи ҷисмонӣ 92, Донишгоҳи тиббӣ- 85, Донишгоҳи омӯзгорӣ-76 дарсад баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд.

*Шояд дар донишгоҳу донишкадаҳо барои қисмати донишҷӯён ба ҷои таълими илм, маҳорати касбӣ маҳфилҳои маҳви бесаводӣ боз кунанд ва ё онҳоеро, ки саводи навиштор надоранд, хориҷ намоянд.*

Сабаби инро пеш аз ҳама дар низому усули таълими забону адабиёти тоҷик дар мактаби таҳсилоти умумӣ ва миёна бояд ҷуст. Азбаски дар низоми тестӣ қабул ба макотиби олӣ гирифтани иншо ё нақли хаттӣ аз довталабон пешбинӣ нашудааст, санҷиши саводи навиштори онҳо то донишҷӯ шуданашон ғайриимкон аст.

Чун нақшаи қабул ба макотиби олӣ ҳаст ва як қисмати донишҷӯён аз тариқи тиҷоратӣ таҳсил менамоянд, ҳамонҳое, ки сатҳи саводи навишторонашон хеле паст аст, низ соҳиби дипломи таҳсилоти олӣ мешаванд... ва сафи мутахассисони чалласаводро меафзоянд ва агар ба идорае ба кор пазируфта шуданд, дар таҳияи як асноди сода оҷиз мемонанд.

Дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурӣ илоҷи беҳдошти вазъиятро дар зиёд намудани соатҳои тадриси забони давлатӣ дар макотиби олӣ ва ҳангоми қабул навиштани иншоро дидаанд. Дар Вазорати маориф ва илм бошад, ба сарварони макотиби олӣ дастур додаанд, ки ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои дар маълумотномаи Кумитаи забон ва истилоҳот дарҷгардида чораҳои қатъӣ андешанд.

Кадом чораҳои қатъӣ, гуфта нашудааст. Шояд дар донишгоҳу донишкадаҳо барои қисмати донишҷӯён ба ҷои таълими илм, маҳорати касбӣ маҳфилҳои маҳви бесаводӣ боз кунанд ва ё онҳоеро, ки саводи навиштор надоранд, хориҷ намоянд.

Зимнан, бо як дастур ба сарварони макотиби олӣ ин мушкилоти ҷиддиро наметавон ҳал кард.

Арқоми дар маълумотномаи Кумитаи забон ва истилоҳот зикршуда, дар маҷмӯъ вазъи таълими забони давлатӣ тақозо менамояд, ки бо ҷалби олимон, мутахассисон, омӯзгорон, зиёиён усулу сифати таълими забони давлатӣ дар макотиби таҳсилоти умумию миёна бознигорӣ шавад.

Меъёри асосии баҳо ба мактабу муаллим бояд сатҳи саводи хонандагон бошад. Ҳоло агар рафту аз як мактаб чанд хонандаи фаъол дар озмунҳои фаннӣ ҷои намоён гиранд, таълимгоҳ, сарвари он шоистаи таҳсину офарин мегардад, дигарон ҳатто баъди донишҷӯ шудан аз диктанти санҷишӣ баҳои ғайриқаноатбахш гиранд ҳам, ҳеҷ боке нест.

Гӯё ҳама ба камсаводии қисмати хонандагони макотиб одат кардаем. Шояд ин муқоиса ҷоиз нест, агар коргоҳ маҳсулоти пастсифат истеҳсол намояду он харидор наёбад, бозорро гунаҳгор намекунанд, балки барои беҳдошти сифати маҳсулот чора меандешанд, хати ҷадиди технологӣ насб месозанд ,зебо бастабандӣ менамоянд, реклама мекунанд ва боз тадбирҳои дигарро роҳандозӣ менамоянд.

Ҳамонҳое, ки аз диктанти санҷишӣ баҳои "ду" гирифтаанд, ба масал ҳамон маҳсулоте ҳастанд, ки мутаассифона, дар бозори касоди мо харидор ҳам доранд.

Надоштани саводи хуби навиштор бояд барои дарёфти ҷои кори хуб, вазифаҳои муносиб, хидмати давлатӣ монеаи ҷиддӣ бошад, шароиту муҳите фароҳам бояд оварад, ки ба малакаи хуби донистани забони давлатӣ, саводи хуби навиштору гуфтор эҳтиёҷ пайдо шавад, вагарна ба мисол "нимчамуллоҳо" бо дипломи таҳсилоти олӣ ба дарди ҷомеа намехӯранд.

Ҳикояти зерро чун ҳусни анҷоми мулоҳизаҳои фавқ меорам. Соли 1973 падари раҳматиам, ки умре деҳқонӣ мекарданд, баъди хатми мактаби миёна маро ба пойтахт оварданд. Қадами нахустини мо дидори шодравон устоди Донишгоҳи миллӣ, забоншиноси варзида Алиакбар Мӯминов буд.

Падар гуфтанд, ки ба баҳои мактаб чандон бовар надоранд ва аз устод хоҳиш намуданд, ки саводи маро санҷанд, агар хуб аст, ба донишгоҳ ҳуҷҷат супорем, агар не, аз белу каланд намонам.

Устод аз ман иншо гирифтанд. Баъди санҷиш маслиҳат доданд, ки бахтамро дар риштаи рӯзноманигорӣ санҷам. Санҷидам ва омад ҳам кард.

Ҳоло фикр мекунам, ки донистани забони модарӣ (давлатӣ) барои соҳибони ҳама пешаҳо фарз аст.

Агар фарз бишканад, намоз фосид мешавад.

**Т. СОЛЕҲЗОДА,**
*ш. Панҷакент*

# Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё

**Дар ҷараёни иҷлосияи Шӯрои олии иқтисодии АвруОсиё санаи 29 маи соли 2014 дар шаҳри Остона аз ҷониби президентҳои Русия, Қазоқистон ва Ҷумҳурии Белорус Созишнома оид ба Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё (ИИА) ба тасвиб расонида шуд. 1 январи соли 2015 Созишнома оид ба ИИА ба ҳукми қонун даромад. Айни замон кишварҳои аъзои он Арманистон (аз 2 январи соли 2015), Белорусия, Қазоқистон, Қирғизистон (аз 12 августи соли 2015) ва Русия ҳастанд.**

ИИА дар заминаи Иттиҳоди Гумрукӣ (ИГ) миёни Русия, Қазоқистон, Белорусия ва фазои ягонаи иқтисодӣ ҳамчун ташкилоти байналмилалии интегратсияи иқтисодии минтақавӣ созмон дода шудааст, ки он дорои ҳуқуқи байналмилалист. Дар чорчӯбаи Иттиҳод ҳаракати озоди мол, хидматрасониҳо, сармоя ва қувваи корӣ, сиёсати ягона дар самтҳои калидии иқтисодиёт таъмин карда мешаванд.

Созмон додани Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё маънои гузаштан пас аз Иттиҳоди гумрукӣ ва фазои ягонаи иқтисодӣ ба марҳилаи нави интегратсия (ҳамкориҳои зич)- ро дорад. Мақсадҳои асосии ИИА чунинанд:

-бунёди заминаҳо барои рушди босуботи иқтисодиёти кишварҳои аъзо такя ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии онҳо:

-дар оянда созмон додани бозори умумии мол, хидматрасониҳо, сармоя ва захираҳои меҳнатӣ дар чорчӯбаи Иттиҳод:

-кооператсия (шарикӣ), модернизатсия (навоварӣ) ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодҳои миллӣ дар шароити иқтисодиёти ҷаҳонӣ (глобалӣ).

Ниҳодҳои Иттиҳод Шӯрои олии иқтисодии АвруОсиё (дар сатҳи сарварони кишварҳо), Шӯрои байниҳукуматии АвруОсиё (дар сатҳи сардорони ҳукуматҳо), комиссияи иқтисодии АвруОсиё (КИА, ниҳоди пайваста фаъолдоштаи батанзимоварандаи Иттиҳод бо қароргоҳ дар шаҳри Москва) ва Суди ИИА (дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Белорусия) муайян карда шудаанд.

Тибқи Созишнома оид ба ИИА (боби 7) Иттиҳод дар ҳошияи салоҳияти худ ҳуқуқи пешбурди фаъолияти байналмилалиро барои ҳалли вазифаҳои дарпешистодааш дорад. Тартиби иҷрои ҳамкориҳои байналмилалӣ бо кишварҳо, ташкилоти байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои интегратсионии байналмилалӣ бо қарори Шӯрои олии иқтисодии Авруосиё тахти №99 аз 23 декабри соли 2014 ба танзим дароварда шудааст.

Ниҳоди пайваста амалкунандаи судии Иттиҳод Суди ИИА мебошад, ки иҷро гардидани Созишнома оид ба ИИА ва дигар созишномаҳои байналмилалиро дар ҳошияи Иттиҳод аз ҷониби кишварҳои аъзо ва дигар ниҳодҳои Иттиҳодро таъмин мекунад. Ба ҳайати Суд 2 судя аз ҳар кишвари аъзо шомил буда, муҳлати ваколати онҳо 9 сол муайян гардидааст. Судяҳо пас аз пешниҳоди кишварҳои аъзо аз ҷониби Шӯрои олии иқтисодии АвруОсиё таъин карда мешаванд.

Дарҳои ИИА барои ҳама он кишварҳое боз аст, ки ҳадафҳо ва принсипҳои Иттиҳод ба онҳо наздик ҳастанд ва дар сурати ба шартҳои мувофиқшудаи кишварҳои аъзо мутобиқат кардан метавонанд шомили он гарданд. Барои соҳиб шудан ба мақоми кишвари номзад ба узвияти Иттиҳод кишвари ҳавасманд унвонии Раиси Шӯрои олии иқтисодии АвруОсиё муроҷиат ирсол мекунад.




Дар ИИА режими иттиҳоди гумрукӣ амал мекунад, ки дар чорчӯбаи он бозори дохилии моли кишварҳои аъзо мавҷуд аст. Нархномаи ягонаи гумрукӣ ва дигар чораҳои воҳиди ба низом даровардани савдои мол бо дигар кишварҳои саввум роҳандозӣ мешавад, низоми ягонаи гумрукӣ пиёда гашта, гардиши озоди мол миёни кишварҳои аъзо бе расмият (декларатсия)- и гумрукӣ ва назорати давлатӣ (нақлиётӣ, санитарӣ, ветеринарӣ-санитарӣ, карантинӣ, фитосанитарӣ), бидуни ҳолатҳои дар Созишнома пешбинишуда сурат мегирад. Барасмиятгирии гумрукӣ ва назорати давлатӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои пӯшидаи дар Созишнома зикргардида, дар сарҳадҳои дохилии кишварҳои аъзо манъ карда шудааст.

Самти афзалиятноки фаъолияти Иттиҳод дар соҳаи низоми гумрукӣ роҳандозӣ ва рушди механизмҳои "равзанаи ягона" мебошад. Ин сохтори дороии технологияи рушдёфта бо мақсади беҳтар сохтани тартиботи маъмурӣ ва кам кардани монеаҳо дар самти фаъолияти сиёсати иқтисодии берунӣ дар ҳошияи ИИА пешбинӣ шудааст. Дар ҳудуди Иттиҳод соҳибкорон метавонанд танҳо як маротиба ҳуҷҷатҳои худро тариқи равзанаи ягонаи воридотӣ, ки ниҳодҳои ҳавасмандии давлатӣ метавонанд аз он дар оянда истифода баранд, пешниҳод кунанд. Яъне, эътирофи тарафайни ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки барои фаъолияти савдои беруна лозим ҳастанд, сурат мегирад.

Ҳудуди ягонаи иқтисодии дар чорчӯби Иттиҳод сохташуда ба кишварҳои аъзо имкон медиҳад, ки дар самтҳои калидии иқтисодиёт сиёсати худро миёни ҳам ба мутобиқат оваранд.

Бо мақсади фаъолияти самараноки ИИА сиёсати макроиқтисодии мувофиқатшуда амалӣ мегардад, ки омода ва роҳандозӣ намудани фаъолияти муштарак миёни давлатҳои аъзои Иттиҳод барои рушди бонизоми иқтисодиёт пешбинӣ мекунад. Тибқи Созишнома, самтҳои асосии сиёсати макроиқтисодии мувофиқатшуда ташаккули шарт (принсип)-ҳои ягонаи фаъолияти иқтисодиёти кишварҳои аъзои Иттиҳод, таъмини босамари ҳамкориҳои муштарак ва омода сохтани принсип ва уфуқҳои пешбинии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷонибҳо маҳсуб мегарданд.

Дар Созишнома оид ба ИИА ва Қарори Шӯрои олии иқтисодии АвруОсиё аз 23 декабри соли 2014 тахти № 110 номгӯи намуд (сектор)-ҳои хидматрасониҳо тасдиқ шудааст, ки дар онҳо бозори умумии хидматрасониҳо дар чорчӯби Иттиҳод амалӣ мегардад. Дар ин маврид тартиботи миллӣ ҳамчун асос қабул шудааст, яъне давлат муваззаф аст, ки дар муносибат бо таъминкунандаи хидматрасониҳо аз кишварҳои шарик сиёсати мукаммали тартибот (режим)-и миллиро қабул кунад ва дар ин самт набояд ягон маҳдудият бошад. Дар оянда тарафҳо бояд тавассути марҳила ба марҳила кам кардани ҳолатҳои мусодира ва маҳдудиятҳо ба васеъ намудани секторҳои зикргардида сайъ кунанд.

Кишварҳои аъзо оид ба сиёсати мувофиқатшудаи нақлиётӣ ба тафоҳум расиданд, ки он ба интегратсияи иқтисодӣ, роҳандозӣ шудани ҳудуди ягонаи нақлиётӣ, ки бозорҳои умумии хидматрасониҳои нақлиётиро дар соҳаҳои нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ, обӣ ва роҳи оҳан муттаҳид мекунад, равона гардидааст. Дар Созишнома гуфта шудааст, ки ҳамлу нақли борҳои автомобилӣ, ки аз ҷониби интиқолдиҳандагоне, ки дар яке аз кишварҳои аъзо ба қайд гирифта шудаанд, кашонида мешаванд, бидуни иҷозатнома амалӣ мегардад.

Ҳамчунин дар Созишнома барои истифодаи босамари зарфиятҳои умумии энергетикӣ ва беҳтар сохтани мубодилаи байнидавлатии захираҳои энергетикӣ, бунёди бозори умумии электроэнергетикии Иттиҳод, ва дастрасӣ ба хидматрасониҳои монополия (инҳисор)-ҳои табиӣ (истеҳсолкунандагони аввалия) дар соҳаи энергетикӣ то муҳлати 1 июли соли 2019, марҳила ба марҳила бунёд кардани бозори умумии гази Иттиҳод ва дастрасӣ ба хидматрасониҳои субъектҳои истеҳсолкунанда дар соҳаи интиқоли газ то муҳлати 1 январи соли 2025 ва бунёди бозори умумии нафт ва маҳсулоти нафтии Иттиҳод ва дастрасӣ ба хидматрасониҳои субъектҳои истеҳсолкунандаи он дар соҳаи интиқоли нафт ва маҳсулоти нафтӣ то муҳлати 1 январи соли 2025 заминаи хуб гузошта шудааст.

Дар ҳудуди кишварҳои аъзои Иттиҳод бозори умумии меҳнат амал карда, ҳаракати озоди қувваи корӣ амалӣ мегардад. Ба шаҳрвандони кишварҳои аъзои ИИА, ки меҳоҳанд дар ҳудуди Русия, Қазоқистон, Белорусия, Арманистон ва Қирғизистон фаъолият дошта бошанд, ҳуҷҷатҳои иҷозатӣ, ба монанди патент ва иҷозатнома ба кор лозим намешавад.

Эътирофи тарафайни дипломҳо, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии кишварҳои аъзои Иттиҳод дода шудаанд, ба таври автоматӣ сурат мегирад. Андоз аз даромади шахсони физикӣ дар дохили ИИА аз рӯзи аввали корӣ тариқи андозаи резидентӣ гирифта мешавад.

Хусусияти дигари муҳими Созишномаи ИИА ин имконияти роҳандозии тартибот (режим)- и миллӣ барои шаҳрвандони кишварҳои аъзо дар самти ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла хидматрасонии тиббӣ мебошад. Дар ҳар як кишвари узв дар чорчӯби ИИА, тамоми хидматрасониҳои тиббӣ, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешаванд, барои ҳама шаҳрвандони кишварҳои Иттиҳод дастрас хоҳанд шуд (сухан дар навбати аввал оид ба ёрии таъҷилии бепул меравад).

Масъалаи мувофиқи мақсад будани ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё дар сатҳи гуногун дар кишвар мавриди муҳокима қарор мегирад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки аз ҷониби ҳукумати кишвар ҳуҷҷатҳои санадӣ-ҳуқуқии Иттиҳод ҷиддӣ омӯхта шуда истодаанд. Ба ИИА тиҷорати тоҷик низ ҳавасмандии худро нишон медиҳад. Бешубҳа, қарор оид ба шомил шудан ба ин ташкилоти муттаҳидкунанда дар салоҳияти раҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Дар баробари ин, ин ҷо мехостем принсипҳои бунёдии Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиёро махсус қайд кунем-ин баробарҳуқуқӣ, прагматизм (воқеиятбинӣ), ҳурмати тарафайн, ҳифзи хусусиятҳои миллӣ ва истиқлолияти давлатии ҳар кишвари узви Иттиҳод мебошанд. ИИА аллакай имрӯз омили баланд гаштани рақобатпазирии иқтисодҳои миллӣ ва ҳифзи суботи минтақавӣ маҳсуб мегардад. Бидуни шубҳа, ҳамкориҳои зич дар чорчӯби Иттиҳод ба рушди иқтисодиёти кишварҳои аъзо имконияти бузургу бебаҳс медиҳад. Бо дарназардошти анъанаҳои дар даҳсолаҳои зиёд рӯйи кор омада, хусусияти хоси муносибати иқтисодӣ миёни Тоҷикистону Русия ва дигар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ, равандҳои пойдоронаи сиёсати муҳоҷиратӣ ва дигар омилҳои муҳим, моро водор месозад, ки бо ҳам муттаҳид бошад.

*Маркази матбуоти Сафорати Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Тарҷумаи **Азамат ДӮСТОВ**

# Зиндагии бидуни хушунат омили муҳими ҷомеаи солим


Раҳбарой КАРИМОВА

***Хушунат ё зӯроварӣ фақат хоси мардуми тоҷик набуда, аз замонҳои қадим дар ҳамаи минтақаҳои дунё ҳатто дар мамлакатҳои пешрафта низ ба назар мерасад ва ҷомеаи ҷаҳонӣ онро чун масъалаи доғи рӯз эътироф кардааст. Нисбат ба масъалаи мазкур солҳои охир ҷомеаи Тоҷикистон бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст ва ин бесабаб нест. Бо мақсади рӯшанӣ андохтан ба паҳлӯҳои гуногуни ин масъала бо ҷонишини раиси ноҳияи Ғончӣ Раҳбарой Каримова, бо чанд суол муроҷиат кардем.***

**- Аз назари Шумо то кадом андоза имрӯз давлату ҳукумати Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллӣ баҳри пешгирии зӯроварӣ дар оила чораҳои зарурӣ меандешанд?**

-Давлату ҳукумати Тоҷикистон барои пешгирии ин масъала қонуну қарорҳо ва барномаҳои махсуси давлатиро қабул намудааст, ки барои баланд бардоштани мақому манзалати зан дар ҷомеа, пешгирии зӯроварӣ ва солимии оилаҳои сокинони кишвар мусоидат менамояд. Барои пешгирии хушунат ва зӯроварӣ дар оила моҳи марти соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" қабул карда шуд. Механизми амалишавии қонуни мазкур аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014 таҳти №294 "Дар бораи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023" нишон дода шуда, нақшаву чорабиниҳо таҳия ва қабул карда шудааст.

Илова бар ин, қабули фармонҳо ва дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон оиди эълон шудани соли 2015 "Соли оила" ва соли 2016 "Соли фарди солим" барои бунёди оилаи солим ва ҷомеаи солим равона гардида, ҳар оила бояд ба арзишҳо ва анъанаҳои оиладорӣ, муҳаббату садоқат ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулпазирӣ эҳтиром оварад, ки ин муносибат метавонад барои пешгирии хушунат дар оила мусоидат намояд. Воқеан дар оилаҳое, ки ба арзишҳои дар боло ёдрасшуда эҳтиром доранд, ҳеҷ вақт зӯроварӣ ва хушунатро нисбат ба ҳамдигар раво намебинанд.

**-Аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ғончӣ нисбати пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ кадом чорабиниҳо ба роҳ монда шуданд?**

-Боиси таассуф аст, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо низ оилаҳо ёфт мешаванд, ки ба зӯроварӣ ва хушунат рӯ ба рӯ ҳастанд ва оқибатҳои он низ аён аст. Аз ин хотир мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ғончӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила якчанд чорабиниҳоро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, дар доираи ҳамкории мақомоти маҳаллӣ ва ҷамоатҳо бо лоиҳаи СММ Занон таҳти унвони "Устувории волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон бо мақсади густариши ҳуқуқ ва имкониятҳои одамон дар Тоҷикистон", ки ташкилоти ҷамъиятии "Хуршеди зиндагӣ" онро амалӣ менамояд, натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд. Бояд қайд намоям, ки мақсади асосии лоиҳаи мазкур ин пеш аз ҳама таъмини амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" мебошад, ки он бештар ба дарёфти роҳу усулҳо ва санҷиши механизмҳои нави иҷроиши қонуни зикршуда, тавассути омӯзишу тадқиқот дар ноҳияҳои интихобӣ, густариши маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ҳамзамон баҳри баланд бардоштани масъулият ва уҳдадориҳои волидайн, умуман шаҳрвандон нисбати бақайдгирии сариваҳтии ҳуҷҷатҳои авалиндараҷа ба мисоли зодномаву шиносномаҳои миллӣ, дастраси қишри ниёзманду осебпазири ҷомеа ба хусус занону духтарон, оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба хизматрасониҳои сифатноки ҳифзи иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Лоиҳаи мазкур дар асоси механизмҳои тархрезишуда, яъне ташкили гурӯҳҳои занони мушоҳидакор, гурӯҳи кории техникӣ дар ҷамоатҳо ва шӯрои ҳамоҳангсозии ноҳияҳои хосторӣ амалӣ мегардад, ки тавъам ба сиёсати давлат ва мақсаду мароми он буда, баҳри пешгирии зӯроварӣ дар оила мусоидат менамояд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки лоиҳаи мазкур дар ҷамоатҳои деҳоти Ғазантарак, Яхтан, Ваҳдат ва Исмоили Сомонии ноҳияи Ғончӣ ва ҷамоатҳои деҳоти Б.Раҳимзода, Н.Махсум, Ҳоит ва Тагоби ноҳияи Рашт амалӣ карда мешавад.

Дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур дар ноҳияи Ғончӣ аввалин маротиба фаъолияти Равзанаи ягонаи хизматрасонӣ ва иттилоотонӣ ба роҳ монда шуда, гурӯҳи занони мушоҳидакор созмон дода шуд, ки ҳамчун моdeli нав байни аҳолӣ ва мақомоти давлатӣ дар ҳалли муаммоҳои пешорӯи занон, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии аҳолӣ саҳми назаррас доранд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар доираи татбиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014 таҳти №294 "Дар бораи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023" қарори Раиси ноҳияи Ғончӣ аз 11 ноябри соли 2015 таҳти №628 дар бораи тасдиқ ва амалӣ намудани "Дастурамал дар бораи ҳамкории субъектҳо оид ба пешгирӣ ва эътино нисбат ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила" ба тасвиб расид. Мақсади асосии қарори мазкур ба роҳ мондани ҳамкории мунтазами субъектҳо оид ба пешгирӣ ва таъсиррасонӣ нисбати ҳолатҳои зӯроварӣ, расонидани кӯмак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, дастрасии хизматрасонӣ ба ҷабрдидагон ва ташкили чорабиниҳои тарғиботӣ мебошад.

**-Вобаста ба татбиқи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 дар ноҳияи Ғончӣ кадом корҳо ба сомон расонида шуданд?**

Дар доираи татбиқи Барномаи мазкур бо мақсади пурзӯр намудани механизмҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила давоми соли 2015 якчанд чорабиниҳо дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳо ба роҳ монда шуданд. Аз ҷумла комиссияи кории назди вакилони ҷамоатҳо "Оиди пешгирии хушунат дар оила" иборат аз 7 нафар ташкил карда шуд. Комиссияи мазкур фаъолияти худро тибқи нақшаи корӣ ба роҳ монда, дар давоми соли гузашта бо мақсади баланд бардоштани дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нисбати пешгирии зӯроварӣ дар оила, ташаккул додани муносибатҳои гендерӣ, корҳои тарғиботиро дар ҷомеаҳои меҳнатӣ, ҷойи истқомати аҳолӣ бо иштироки фаъолзанон, кумитаҳои маҳаллаҳо ба роҳ монда, ба чорабиниҳои мазкур занону духтарон, оилаҳои таҷрибадор ва ҷавон, бештар оилаҳои осебпазир ва носолим ҷалб карда шуданд. Илова бар ин, комиссияи корӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо аҳолӣ суҳбату мулоқотҳо ташкил намуда, масъалаҳои хушунат дар оиларо шарҳу эзоҳ дода, роҳҳои пешгирӣ ва сабабу шароитҳои ба амал омадани мunoқишаҳои оилавиро маънидод намуданд. Дар вохӯриву мулоқотҳои комиссия дар ҳудуди ҷамоатҳо вобаста ба мавзӯъҳои "Зан-созанда, на балки сӯзанда", "Модар чӣ гуна -духтар намуна", "Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад", "Аз модари солим кӯдаки солим", "Зан олиҳаи зиндагӣ", "Оилаи солим асоси ҷамъияти солим", "Зӯроварӣ дар оила боиси нохушист", "Зану мард баробарҳуқуқанд" ва ғайраҳо масъалаҳои муҳими рӯз оила ва оиладорӣ, муносибати зан ва шавҳар, келин ва хушдоман, пешгирии никоҳи хешутаборӣ, оқибатҳои мунoқиша, таълиму тарбияи фарзанд суҳбатҳои судманд доир карда шуд.

Дар аксарияти ҷамоату деҳаҳои ноҳия маҳфилҳои гуногуни доимоамалкунанда ба монанди "Хонадон", "Кошонаи саодат", "Кадбону" ва ғайраҳо амал мекунад, ки дар он занону духтарон, модарони рӯзгордида, оилаҳои намунавӣ иштирок намуда, оид ба ҷалби занону духтарон ба корҳои ҷамъиятӣ, тарзи муносибат дар оила, пешгирии ҷудошавии оилаҳо, нақши модар ва хушдоман дар пойдории оилаҳои ҷавон, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон, ташкили тарзи ҳаёти солим, эҳтироми либоси миллӣ, муошировту муомилаи аъзоёни оила, одобу услуб ва шарму ҳаёи духтарон, омӯхтани касбу ҳунар, ҷалби бештари духтарон ба зинаи сеюми таҳсил ва ғайраҳо машғулиятҳо ва суҳбату мулоқотҳои муҳим ташкил ва гузаронида шуданд. Баргузории чунин чорабиниҳо дар баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа ва маърифати ҳуқуқии онҳо, пешгирии зӯроварӣ дар оила, пешгирии никоҳи хешутаборӣ ва оқибатҳои он, тарбияи фарзандон дар рӯҳияи ватандӯстиву худогоҳӣ, пойдории оилаҳои ҷавон ва пешгирии ҳодисаҳои номатлуб мусоидат менамояд.

**-Хоҳишмандам вобаста ба моҳият ва мақсади қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" андешаҳои худро баён намоед.**

-Қонуни мазкур аз 4 боб ва 26 модда иборат буда, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим менамояд ва вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд.

Мақсадҳои асосии қабули Қонуни мазкур ин пеш аз ҳама ҳимояи ҳуқуқии оила ҳамчун асоси ҷамъият, танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, мусоидат намудан ба татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, ташаккули вазъи тоқатнопазирии ҷомеа нисбат ба зӯроварӣ дар оила, ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда ва ба баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд равона карда шудааст.

**-Зӯроварӣ аз назари қонун чӣ маъно дорад?**

-Зӯроварӣ дар оила аз нигоҳи қонун ин кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад.

**-Ҷабрдидагони зӯроварӣ ба кадом мақомот бояд муроҷиат намоянд?**

-Дар асоси қонун субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила - мақомоти давлатӣ, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхона, муассиса, дигар ташкилотҳо ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд, ки барои пешгирии зӯроварӣ дар оила масъул мебошанд. Дар асоси қонуни мазкур ҷабрдидагони зӯроварӣ ба мақомоти ваколатдор ба монанди Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти давлатии кор бо занон ва оила, комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти соҳаи маориф, мақомоти соҳаи тандурустӣ, мақомоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, марказҳои ёрирасон ва офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои худ муроҷиат карда метавонанд.

Илова бар ин, барои пешгирии ҷомеа аз зӯроварӣ ё хушунат мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони барӯманд ва аҳли ҷомеа дар ҳамкорӣ бояд дастҷамъона фаъолият намоянд, то дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд.



**Маҳкамбой КАРИМОВ**

# ПЕШРАФТИ ҶОМЕА
## БА СОЛИМИИ ОИЛА МАРБУТ АСТ

**Масъалаи маърифати оиладорӣ, омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилонаи оиладорӣ ва пойдории оила, аз ҷумлаи он проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад.**

**МУТААССИФОНА,** якчанд омилҳои муассире дар ҳаёти оилавии мардуми кишвари мо арзи вуҷуд доранд, ки онҳо бе шубҳа ба фурӯпошии оилаҳо, бекор кардани ақди никоҳ ва зуҳурёбии носолимии оила мусоидат мекунанд.

Таҷрибаи рӯзгор, мушоҳидаҳо ва андешаҳо собит месозанд, ки нокифоягии маърифати ҳуқуқӣ, илмӣ ва ахлоқии қисман ҷавонон, бе фарзандӣ, бад будани шароит ва таъминоти иқтисодӣ дар оила, номуътадилии муносибатҳои оилавӣ, муддати тӯлонӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани падарону модарон, ба нашъамандӣ ё майзадагӣ гирифтор шудан ё ба муҳлати тӯлонӣ аз озодӣ маҳрум гардидани яке аз ҳамсарон издивоҷи хешовандони наздик ҳукмрон будани хурофот дар оила оқибатҳои хатарноки ҳаётӣ дорад.

Омили дигари мусоидаткунандае, ки боиси пош хӯрдани оила мегардад, чӣ тавре зикр намудем, ин майзадагӣ ва нашъамандии яке аз ҳамсарон дар оила мебошад, ки оқибати онро файласуф ва табиби юнонӣ Буқрот чунин тафсир намудааст: **"Пайомади майзадагӣ харобии тану ҷон ва бемории фарзандон аст".**

Роҳи дурусти пешгирӣ намудани вайроншавии оилаҳо баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии навхонадорони ҷавон мебошад.

Дигар мушкилоти оилавӣ, ки то ба вайроншавии оила оварда мерасонад, ин таваллуди фарзандони носолим дар оила маҳсуб меёбад. Муҳимтарин роҳи пешгирии ин мушкилот аз муоинаи тиббии ҳатмии пешазникоҳӣ гузаронидани издивоҷкунандагон мебошад.

Дар зиндагии оилавӣ ҳолатҳое дучор меоянд, ки никоҳшавандагон баъди бастани ақди никоҳ дар давоми оиладорӣ ба бемориҳои вазнини душвортабобат мубтало будани ҳамсари худ огаҳӣ меёбанд.

Мақомоти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади зарурияти таҳкиму солимгардонии оила дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 15, банди 3 муайян кардааст, ки агар яке аз ҳамсарон баъди оила барпо намудан ба бемориҳои душвортабобат мубтало будани ҳамсари худро донанд ё аз он огаҳӣ ёбанд метавонанд ба суд муроҷиат карда, бе эътибор донистани ақди никоҳи худро талаб намоянд. Дар чунин ҳолат ақди никоҳ бо ҳалномаи суд аз рӯзи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш бе эътибор дониста мешавад.

Дигар масъалаи ҷиддӣ ҳангоми вайрон гардидани муносибатҳои оилавӣ бекор кардани ақди никоҳи давлатии шаҳрвандон мебошад, ки он дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар асоси аризаи муштараки зану шавҳар, ки фарзандони ноболиғ надоранд ба ҳалномаи ба қувваи қонунӣ даромадаи суд дар бораи бекор намудани ақди никоҳ, ба қайди давлатӣ гирифта мешавад. Мавриди зикр аст, ки бекор намудани ақди никоҳи давлатӣ низ яке аз ҳуқуқҳои оилавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Дар принсипҳои танзими муносибатҳои оилавӣ, дар тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: "Дар зери назорати давлат озодона бекор кардани ақди никоҳ". Яъне, ақди никоҳ дар асоси муроҷиати ҳамсарон ё яке аз онҳо озодона, зери назорати давлат бекор карда мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳими бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки талаботи шаҳрвандони ноҳияи мо нисбати он айни замон зиёд аст, ин бақайдгирии давлатии асноди иваи ному насаб мебошад. Асноди иваи ному насаб дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" ва хоҳишу муроҷиатҳои шаҳрвандон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад ва хушбахтона аксарияти шаҳрвандон тибқи арзишҳои миллӣ ба худ ва фарзандонашон ному насаби тоҷикӣ интихоб карда истодаанд, ки он ифодагари арҷгузорию фарҳангшиносии шаҳрвандони мо нисбати анъана ва арзишҳои маънавии миллати куҳанбунёдамон мебошад.



Латофат ШЕРОВА,
*мудири бахши САҲШ-и н. Исмоили Сомонии ш. Душанбе*

Дар номгузорӣ дар байни мардуми тоҷик ҳангоми ноомадию нобаробариҳои паёпай дар оила, гирифтор шудан ба мушкилоти оилавӣ, аз ҷумла кулфату андӯҳ ва дигар рӯйдодҳои ногувори зиндагӣ ба тифли навзоди оила баъзан номҳои ниҳоят соддаю каммаъно ва ба қавле "хоксорона"-ро мегузоранд, ки асоси чунин номгузорӣ пеш аз ҳама ҳукмрон будани хурофот ва ё нокифоягии маърифати маънавӣ дар оила мебошад.

Барои исботи чунин номгузориҳои номуносиб мисолеро иброз менамоям. Рӯзе, ба мақомоти САҲШ духтари зебое, ки ба зеботарин номи хушсадою баландмаъно арзанда аст, муроҷиат менамояд ва хоҳиш мекунад, ки номи ӯро иваз намоянд. Масъули мақомоти САҲШ аз духтар мепурсад, ки номи шумо чист? Духтари зебо ҷавоб медиҳад. "Ман Мусибат ном дорам ва мехоҳам Муҳаббат ном дошта бошам".

Барои пешгирӣ ва барҳам додани чунин номгузориҳои номуносиб ва тибқи арзишҳои миллӣ номгузорӣ намудани фарзандон дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Исмоили Сомонӣ китоби номгузорӣ ва номномаҳо ташкил ва омода карда шуда, номҳои зебою хушсадо ва баландмаъно, ҳангоми бақайдгирии давлатии асноди таваллуд ва ивази ному насаб ба шаҳрвандон пешниҳод карда мешаванд ва ҳамзамон дар вохӯрию суҳбатҳо ба шаҳрвандон барои ба тарзи замонавӣ ва тибқи арзишҳои миллӣ номгузорӣ намудани худ ва фарзандонашон дастуру тавсияҳои мақсаднок дода мешаванд.

Оила созмони тарбиятгар ва хушбахтист. Оила мактаби олии ташаккули ахлоқи инсонист.



*Мактуби хонанда*

# ДАҲШАТ
## Чи тавр шавҳар ҳамсарашро дар назди духтарчааш ваҳшиёна кушт

**Шаби 25 декабри соли 2015 барои аҳли оилаи мо шаби наҳс буд. Ҳамон шаби мудҳиш хоҳари маъсуми моро, ки Изолат ном дошт, собиқ шавҳараш Раҳимов Ғанӣ дар пеши чашмони тифли бегуноҳи 5-солааш бо истифода аз корду қайчӣ ваҳшиёна кушт.**

**ИЗОЛАТ** Байзоева соли 1995 МТМУ-и № 15 ба номи Мирзо Акбарови деҳаи Сӯфӣ Орифи шаҳри Истаравшанро бо баҳои аъло хатм карда, ҳуҷҷатҳояшро ба Омӯзишгоҳи тиббии шаҳр супорид. Баъди хатми омӯзишгоҳ дар Беморхонаи марказии шаҳр дар шуъбаҳои эҳёгарӣ (реаниматсия) ҳамчун ҳамшираи шафқат фаъолият дошт. Ҳалимию хоксорӣ, кордониаш ташкилотчигиаш ӯро дар байни ҳамкорон соҳибобрӯ гардонид. Дар оилаи мо 11 нафар бародару хоҳар аҳлона зиндагӣ доштем. Хоҳари дилсӯзу ғамхори мо шабу рӯз барои беҳбудии оила дар беморхона кор мекард. Барои соҳиби оила шудани хоҳарону додаронаш худ дер ба шавҳар баромад. Сабру таҳаммулро пеша карда, такягоҳи волидон буд. Хостгорони зиёд дари моро мекӯбиданд. Ниҳоят тақдир ӯро ба сокини деҳаи Ҷавкандак пайваст. Рӯзҳои аввали зиндагӣ ҳаёти хушу гуворо доштанд. Баъд фаҳмид, ки шавҳараш Раҳимов Ғанӣ бадрашку бадсиришт ва майнӯш буда, Изолат бошад, ҳамсари дуюмаш аст. Ӯ дар дил орзую умедҳои зиёд дошт. Лекин шавҳараш намонд, ки корашро давом диҳад. Аз пагоҳ то бегоҳ дар саҳро ба ҷои мардон кор мекард, на орзую ҳаваси арӯсиро диду на зиндагии осударо.

Ба ҳамаи азобу уқубатҳо тоқат мекард, то ба сари волидон ташвиши зиёдатӣ наоварад. Барои ӯ осон набуд, ки лату кӯби шавҳари золимашро пинҳон дорад. Ҳамаи ғаму андӯҳро дар дил нигоҳ дошта, худро чунон вонамуд мекард, ки ҳаёти хушу гуворо дорад. Бовар дошт, ки "поёни шаби сиёҳ сафед аст". Соҳиби духтарчаи дӯстрӯяк шуд ва ӯро Шаҳодат ном гузошт. Ният дошт, ки баъди таваллуди тифл шавҳараш дил ба зиндагӣ баста, муносибаташро бо ӯ хуб мекунад. Лекин хато кард, орзуҳояшро бо худ ба хок бурд. Дили одаткарда балои ҷон мегӯянд. Боз ҳамон, ҷанҷолҳои паи ҳам дар оила давом мекард. Дар лату кӯби навбатӣ ӯро оғӯштаи хуну хок дар ҳолати беҳушӣ ба беморхона оварданд. Хоҳараки зебову дӯстрӯякамонро дар ҳоли табоҳ дида ҳуш аз сарамон парид. Кормандони шуъбаи корҳои дохилӣ шавҳарашро дастгир ва барои ин кирдораш ба ҷавобгарӣ кашиданд. Баъди баррасӣ суд ӯро ба муҳлати 3 сол аз озодӣ маҳрум кард. Изолати ноком хост, ки давоми зиндагиро ҳамроҳи духтарчааш гузаронад. Доимо дар тарсу ҳарос мезист, ки бо собиқ шавҳараш вонахӯрад. Ӯ гумон дошт, ки баъди тамоман талоқашро додан ва тариқи суд ҷудо шудан шавҳараш ӯро ором мегузорад, то давоми умри худро сарфи тарбияи духтарчааш кунад. Сад афсӯс, ки "тарки одат - амри маҳол" шиори шавҳари бадхӯяш гашта буд. Баъди аз маҳбас баромадан ҳам, тавба накард. Баръакс, аз паи азият додани хоҳарамон шуд. Ҳар як қадами ӯро наззора мекард. Собиқ шавҳараш Раҳимов Ғанӣ, ки шахсоняшро хун пахш карда буд, хоҳиш аз нав барқарор кардани оилаашро дошт. Лекин Изолат дар тарси ҷон буд, ки рӯзе ӯро мекушад ва намехост духтарчаашро бе модар гузорад. Ин марди ботинан вайрон бо баҳонаи дидорбинии духтарчааш хоҳарамонро азоб медод. Шаҳодат бошад, банди пои модарро дошта тоқати симои падарро дидан надошт. Бечора духтараки маъсуми бегуноҳ дар миёни обу оташ монда буд. Боре рӯзона ҳамсояҳо аз доду фиғони духтару модар тозон ба ёрӣ шитофтанд. Ба Ғ.Раҳимов фаҳмонданд, ки ҳамсояҳоро ноором насозад, чунки онҳо қонунан ҷудо шудаанд. Хуб мешуд барои гирифтани духтарчааш ба идораҳои дахлдор муроҷиат кунад. Дар ин хусус ниҳоят ба нозири минтақавӣ, ва кумитаи маҳалла муроҷиат кардем, то пеши роҳи тез-тез омадани ин нохалафро гиранд. Аммо шавҳари нобакор ба гапи ягон кас гӯш намекард. Ҳамон шаби мудҳиш ба хонаи хоби Изолат даромада, бо корд ва қайчӣ дар пеши назари духтарчааш Изолатро ваҳшиёна кушта, Шаҳодатро бо худ гирифта ғайб зад. Пагоҳ, вакте бародар дари хонаи хоҳарашро мекушояд, хоҳари зорашро оғӯштаи хун дида, ба милиса хабар медиҳад. Қотилро пас аз ин кормандони милиса дастгир мекунанд. "Болои сӯхта намакоб", гуфтагӣ барин Ғ. Раҳимов ба воситаи телевизиони вилоят дар ҳаққи хоҳарам боз туҳматҳои ноҳақ кард, ки аламу дарди моро дучанд намуд. Хуб мешуд, ки таҳиягарони барнома моро низ мепурсиданд.

Хоҳари азизи моро чун зани покдоман, нексиришт, мушфиқу меҳрубон ва дармонбахши беморон ҳамагон хуб мешиносанд. Бо навиштани ин нома аз мақомоти прокуратура ва суд эҳтиромона хоҳиш мекунем, ки ҷинояткор дар асоси қонун ҷазо дода шавад.

**Бо эҳтиром хоҳарону додарони чигарсӯхта**
*Байзоева Ҳабиба, Байзоев Тоҳир, Байзоева Санавбар, Байзоев Ашӯрбой, Байзоева Мукаррам, Байзоев Шералӣ, Байзоева Башорат, Байзоев Фарҳод*

ÀÇ ÈÄ ÎÐÀ: **Ҳафтаномаи "Минбари халқ" идомаи қазияро пайгирӣ хоҳад намуд.**

# Падари Марат Орифов кӣ буд?



**Кайҳо боз мехостам, ки дар бораи Марат Орифов мақолае нависам. Зеро дар бораи модари ӯ Артисткаи халқии СССР Туҳфа Фозилова ва Артисти халқии Тоҷикистон Марат Орифов бисёр мақолаҳо навиштаанд.**

**ТУҲФА Фозилова** ва **Марат Орифов** ситораҳои дурахшони санъати Тоҷикистон мебошанд. Бо номи онҳо халқи тоҷик ифтихор мекунад. Онҳо шахсиятҳои нотакроранд.

Падари Марат Орифов - Орифов Собирхон низ яке аз шахсиятҳои намоёни Истаравшан буданд. Он кас симои зебо ва ахлоқи ҳамида доштанд. Тарзи либоспӯшӣ, гуфтору рафторашон намунаи ибрат буд. Он кас либосҳои хеле хуби аврупоӣ мепӯшиданд. Таърихи Тоҷикистон, таърихи СССР, таърихи навтаринро хеле хуб медонистанд. Дар бораи Коммунаи Париж бисёр нақлҳои аҷоиб мекарданд. Яке аз револютсионерҳои инқилоби Фаронса Маратро хеле дӯст медоштанд. Ва бе сабаб нест, ки ба писари ягонаи худ номи Маратро доданд. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки Марат гӯё Мурод будааст. Ин тамоман нодуруст аст. Солҳои пеш аз ҷанг, яъне солҳои 1940-41 Марат бо падараш дар Истаравшан зиндагонӣ мекард. Ва он солҳо ман бо Марат доимо якҷоя бозӣ мекардем. Гоҳ дар хонаи мо ва гоҳ дар хонаи онҳо. Ин бе сабаб набуд, зеро ки бобои Марат Орифхон тағои падари ман буданд.

Бобои Орифхон чор писару ду духтар доштанд. Писарони он кас Собирхон, Додохон, Акрамхон, Икромхон соҳибмаълумот ва шахсони фарҳангӣ буданд. Дар шаҳри Истаравшан обрӯи калоне доштанд. Дар солҳои пеш аз ҷанг Собирхон бо Туҳфа Фозилова хонадор мешавад, Акрамхон бошад бо Латофатхон Орифова, раққосаи машҳури Тоҷикистон. Ба хонаи ин одамони фарҳангӣ меҳмонон- артистони машҳур, шоирон тез-тез меҳмон мешуданд.

Артистони халқии СССР Ҳалима Носирова. Тамарахоним, бародари Латофатхон Кимсан Махкамов - дойрадасти машҳури онвақта, Роҳатой Махкамова- хоҳари Латофатхон, Байзо Шарифов - падари Раъно Шарифова бо ин оила робитаи зич доштанд.

Бояд зикр кунем, ки падари Тамарахоним Истаравшанӣ мебошад. Тамарахоним духтарамаки писархолаи Собирхон Додоев Сиддиқ мебошад.

Гузаштагони бобои Орифхон ҳама истаравшании муқимӣ мебошанд. Ҳавлии мо ва ҳавлии бобои Орифхон дар гузари Қаробеки шаҳри Истаравшан воқеъ аст. Гузари Қаробек гуфтани мо беҳуда нест. Аслан маҳалле, ки мо зиндагонӣ мекардем, кӯчаи "Гули сурх" ном дошт. Вақтҳои то инқилоб атрофи Истаравшан девор доштаасту якчанд дарвоза. Масалан, "Дарвозаи Қаробек", "Дарвозаи боло", "Дарвозаи тал", "Дарвозаи яккабоғ". Ана ҳамин маҳалҳо бо номи дарвозаҳояшон машҳуранд.

Дар омади гап гӯям, ки Қаробек додари мири Истаравшан Рустамбек будааст. Масалан, дар Истаравшан мегӯянд, ки мадрасаи Рустамбек, масҷиди Рустамбек ва монанди инҳо.

Одамони гузари моро бештар қаробекӣ меноманд. Бинобар ин тавре зикр кардам, ки айёми бачагии мо бо Марат чанд сол дар гузари Қаробек гузаштааст.

Солҳои ҶБВ писарони бобои Орифхон Акрамхону Икромхон ва Собирхон ихтиёрӣ ба ҷанг мераванд. Додохонро соли 1937 ҳабс мекунанд. Ӯ дар ноҳияи Нов муаллим будааст ва Т. Ӯлҷабоев - котиби якуми КМПК Тоҷикистон аз ӯ дарси таърих омӯхта будааст. Икромхону Собирхон аз ҷанг барнагаштаанд. Додохон соли 1947 аз ҳабс озод шуда авф шудааст.

Солҳои 1957-58 Т. Ӯлҷабоев Додохонро қабул мекунад ва дар ҳақи ӯ суханҳои нек мегӯяд.

Аз чи сабаб ман таърихи оиларо муфассал баён кардам. Хонанда бояд бифаҳмад, ки Марат Орифов дар кадом оила тарбия ёфтааст. Падару амакҳои ӯ шахсони ватандӯст, инсонпарвар, фарҳангӣ ва хеле меҳмондӯст буданд.

**Ман мақолаи Ҳусейни Назрулло ва Набӣ Ҷумъаро дар ҳафтаномаи "Минбари халқ", №4, соли 2016 хонда бисёр хурсанд шудам ва хостам, ки ба баъзе масъалаҳо равшанӣ андозам. Мақолаи онҳо чунин ном дошт "Падари Марат Орифови магҳур кист?".**

**1.** ***Падари Марат Орифов Орифов Собирхон дар шаҳри Истаравшан гузари Қаробек таваллуд шуда ба воя расидааст. Ҳавлии онҳо ҳоло ҳам вуҷуд дорад ва дар он ҷо писарони Додохон зиндагонӣ мекунанд.***

**2.** ***Номи ӯ аз аввал Марат буд, на Мурод.***

**3.** ***Марат дар оилаи шахсони бомаърифат, бофарҳанг, санъатдӯст таваллуд шудааст.***

**4.** ***Марат дар ҳафтсолагӣ аз падар маҳрум гашт.***

**5.** ***Дар тарбияи Марат Орифов модари ӯ Туҳфа Фозилова нақши асосӣ бозидааст. Туҳфа апа Маратро хеле дӯст медоштанд ва барои ташаккул ёфтани ӯ ҳамчун санъаткори бузург ҳамаи шароитҳоро муҳайё мекарданд.***

**6.** ***Дар тарбияи Марат Паттихола яъне, холаи Марат низ нақши бузург бозидааст. Хонаи Туҳфа Фозилова ҳама вақт аз меҳмонҳо пур буд. Паттихола (рӯҳашон шод бод) ҳар рӯз чандин маротиба гизоҳои болаззат пухта, меҳмонони Марату модарашро зиёфат медоданд.***



Марат Орифов падари ман Аслонхӯҷа Юнусовро хеле дӯст медошт. Ҳамон рӯзе, ки падарам ба Душанбе меомада, рӯзи дуввум ӯ падарамро ба хонаашон мебурд. Падарамро ӯ бобо мегуфт. Падарам моҳи декабри соли 1938 ба Душанбе меоянд ва бо Марати сесола расм мегиранд. Ин расм ҳоло ҳам дар дасти Марат аст. Гузаре, ки мо зиндагонӣ мекардем, ҳоло ба номи падарам иштирокчии ҶБВ, собиқадори меҳнат Юнусов Аслонхӯҷа номгузорӣ шудааст.

Хулоса, модари Марат Орифов - Туҳфа Фозилова аз шаҳри Конибодом, падараш Орифов Собирхон аз шаҳри Истаравшан мебошанд. Марат Орифов нафақат фарзанди Конибодому Истаравшан, балки фарзанди намоёни халқи тоҷик мебошанд. Одамони бузург ба инсоният таллуқ доранд.

**Маҳкам АСЛОНОВ,**
*Корманди шоистаи Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи улуми байналхалқии мактабҳои олӣ, номзади илмҳои фалсафа*

**Масъулини Осорхонаи таърихии вилояти Суғд мегӯянд, ҷасаде, ки ҳамроҳ бо кӯза дар ноҳияи Истаравшан пайдо шуд, ба қарни V-VIII мелодӣ тааллуқ доштааст.**



# ҶАСАДЕ, КИ ДАР КӮЗА ДАРЁФТ ШУД

Бино ба иттилои Икром Турсунов, масъули Осорхонаи таърихии вилояти Суғд, *кӯзае, ки аз Истаравшан дарёфт гардид, ба оини зардуштӣ таалуқ дорад. "Мо онро қисман барқарор кардем. Баландии он тахминан 1 метру 10 см буда, паҳноии он 74 сантиметрро ташкил медиҳад".*

Ин ҷасад ва кӯзаро Рауф Мазбутов, сокини рустои Сандағундаки шаҳри Истаравшан 12 ноябри соли 2015 ҳангоми шудгор кардани замин пайдо карда аст.

Аз шарҳи бостоншиносон бармеояд, ки чунин тарзи гӯрондани ҷасад, хоси аксар манотиқи Осиёи Миёна, аз ҷумла шаҳрҳои бостонии Тоҷикистон мебошад.



Ба қавли Икром Турсунов дар Тоҷикистон чунин бозёфтҳо хеле зиёданд аз ин рӯ бояд фаъолияти бостоншиносӣ дар кишвар тақвият дода шавад. Ӯ афзуд, бо сабаби набудани қиёфашинос (антрополог) онҳо натавонистаанд, ҷасадро комилан мушаххас намоянд. Номбурда афзуд, ки умед дорад мутахассисони антропологи кишвар малакаи худро минбаъд боло бурда барои таҳқиқи пурраи бозёфтҳои дарёфтгардида талош меварзанд.

*«МХ»*

**Ин аҷиб аст**

# БОЗЁФТИ НОДИР

**Агар аз ҷониби мутахассисони экспедитсияи Маркази "МАИ-Космопоиск"-и Федератсияи Русия беаҳамиятӣ зоҳир мешуд, тасаввуроти мо оид ба таърихи инсоният ва кайҳон дигар намешуд. Сухан дар бораи санге меравад, ки сараввал онро мехостанд, ҳамчун маводи сохтмонӣ истифода баранд. Санги мазкур аз сабаби оне, ки калон буд, мехостанд онро пора кунанд. Аммо, ҳангоме ки дохили сангро диданд, масъалаи истифода бурдани он ҳамчун масолеҳи сохтмонӣ аз байн рафт...**

**ЗАМОНЕ,** ки дар кураи Замин ҳатто динозаврҳо вуҷуд надоштанд, воситаҳои техникӣ ва ё чизҳои ба онҳо монанд пайдо гардиданд. Дар ин бора натиҷаҳои ташхиси бозёфтҳои нодире, ки аз ҷониби мутахассисони Русия ба даст омадаанд, шаҳодат медиҳанд.

Санге дарёфт гардид, ки дар он қисмҳои металлии асбобҳои техникии қадима мавҷуд буданд. Экспедитсияи Маркази "МАИ-Космопоиск" дар қисми ҷанубии вилояти Калуга дар ҷустуҷӯи бақимондаҳои метеорит фаъолият мебурд. Ва...

Ана боз бозёфтҳои ҳайратовар. "Болти қадима"-и зиёда аз 300 миллионсолае, ки дар санг нақш бастааст. Аз ин мебарояд, ки то пайдоиши динозаврҳо дар рӯи Замин махлуқоте умр ба сар мебурданд, ки соҳиби шуур буданд ва дониши баланди техникӣ доштанд. Асрори азалро на ту донию на ман...

*Таҳияи* **Ф. ТАУШАРОВ**



Доимӣ; Лабонаш пурихханда; Беинсоф
Табиб, духтур; Номи ҳамсари Борис Елсин; «... тайёр!» - «Ҳамеша тайёр!»; Дар баҳр ё дарё сокин; ... Насафӣ, шоири классик; Шоири тоҷики асри XIX
Ҳарфи алифбои форсӣ




Дарахти ошиқон; Абуалӣ ...и Сино; Адоват; Пойтахти пешинаи Олмони Федеративӣ; Мухолиф
Муқобили наздик
Бибӣ (лаҳҷа); Соҳир, афсунгар; Узрхоҳӣ; Тавоноӣ, қувва; «Ахиллес»-и Голливуд Бред ...
Асбоб барои кабобпазӣ; Шакли дар Эрон маъмули «писар»; Ягонагӣ, иттифоқ
... Симон Ом, физики бузурги олмонӣ; Ҷамъи «амал»; Бе... шахси қувваташ кам; Ҳайвони ширдеҳ; Қотили Пушкин; ... Мукҳерҷи, актрисаи ҳиндӣ
Рӯзи ҳафта; ... Икромӣ, адиби тоҷик; Тими футболи Рим (Италия); Гӯсфанд; СММ бо забони русӣ
Моддаи шаффофи зудшикан; Кӯҳсор дар Осиё
Юбкаи кӯтоҳ; Тандурустӣ, сиҳатӣ; Қавмҳои форсу тоҷикзабон; Рада, қатор дар замини кишт; Номи падарҳои Ленин ва Брежнев; ... Пугачёва, овозхони рус
Шахсе, ки сараш мӯй надорад



Нитроген; Бурут, мӯйи болои лаби мардон; Ҳарорати баланди бадан; Паррандаи шабгард
Кушода (лаҳҷ.); Документальный фильм – филми ...

Ташаббус

# ШИФОАМАЛИ ҶАШНӢ

***аз Кумитаи ибтидоии иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Сино - "Ворисони Сино"***

**МАРКАЗИ** тиббии шаҳри Душанбе ба номи Карим Ахмедов бо мақсади ташвиқу таблиғи тарзи ҳаёти солим, коҳиш додани омилҳои хатар, пешгирӣ ва дарёфти саривақтии бемориҳо, бо ташхис ва табобат фаро гирифтани ниёзмандон, дар доираи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Ҳомии тандурустии аҳолӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хидматрасонии босифати тиббӣ, бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз **19 марти соли 2016** то **3 сентябри соли 2016,** ҳар рӯзи шанбе шифоамали ҷашнии **"25 ШАНБЕИ ТАНДУРУСТӢ"**-ро роҳандозӣ менамояд.

Дар доираи иқдоми мазкур ҳар рӯзи шанбе шурӯъ аз 19 марти соли 2016 то 3 сентябри соли 2016 аз соати 9:00 то 11:00 бо ҷалби мутахассисони варзидаи Марказ дар самти бемориҳои диабети қанд ва ҷоғар, дил, узвҳои дарунӣ, асаб, бодигармӣ, шуш, сироятӣ, нисоӣ, навзодон ва ҷарроҳии ғадудҳои дохилӣ ниёзмандон бо муоина, машварат ва тавсияҳои шифоии ройгон фаро гирифта хоҳанд шуд.

Маъмурияти Маркази тиббии шаҳри Душанбе ба номи Карим Ахмедов бо камоли эҳтиром аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои шифоиву пешгирии мамлакат, новобаста аз шакли моликият, даъват ба амал меорад, ки ин иқдомро дастгирӣ намуда, дар сатҳи муассисаҳои тиббии тамоми минтақаҳои кишвар шифоамали мазкурро роҳандозӣ намоянд.

**Макони баргузорӣ:**
Маркази тиббии шаҳри Душанбе ба номи Карим Ахмедов, воқеъ дар кӯчаи Абай-3 (микроавтобусҳои хатсайри №46, №19, №2 ва автобуси хатсайри №1)

**Телефонҳо барои тамос:**
888-088-006; 888-088- 007; 888-088-009

«МХ»






# «АХТАРОНИ АДАБ»

**беҳтарин силсилаи 50-ҷилдаи осори саромадони адабиёти дирӯзу имрӯзи тоҷик, аз ҷониби нашриёти "Адиб" ба нашр мерасад.**

- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин осори бузургони адабиёт аз устод Рӯдакӣ то устод Лоиқ,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - рӯйдоди беназири адабиву фарҳангӣ дар кишварамон,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин ҳадя дар зодрӯзи падару модар, фарзандон, дӯстон ва ҳамкорон,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин ёдгорӣ аз падару бобои ҳикматёр ба фарзандону наберaҳои сипосгузор,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин зиннат ва ороиши ҷевони китоб дар хонаи Шумо,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин туҳфа барои ҳамаи ҷашнҳо,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - беҳтарин ҷоиза ба ғолибони озмуну мусобиқаҳо,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - хотираи фаромӯшношуданӣ аз дӯст ва рафиқ,
- **"АХТАРОНИ АДАБ"** - нишони соҳибмаърифатии Шумо.

***Силсилаи 50-ҷилдаи "Ахтарони адаб"-ро аз мағозаи "Адиб" ва дигар мағозаҳои фурӯши китоб бо нархҳои муносиб метавонед дастрас намоед.***

**НИШОНӢ**: ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев 17 "а" мағозаи "Адиб".
**ТЕЛЕФОН БАРОИ ТАМОС**: 918-65-95-57, шахси масъул: Ҷамшед.


**Кормандони нашриёти "Шарқи озод" - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармуҳандиси нашриёт Абдуқодир Қаландаров нисбати даргузашти**

**МОДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ намуда, ба наздикон ва пайвандони марҳум аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.**


НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

**МИНБАРИ ХАЛҚ**

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.hamsafon.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Солеҳ Юсуфов, Ҳуринисо Ализода, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчин:** Ҷамила Аҳмадова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 50638 нусха**
**Навбатдор: И.ТОҲИР**


